# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ОКТЯБР-ДЕКАБРИ 2016

## ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES

Шариф Раҳимзода, профессор
Виорел Гуцу, FAO
Нуриддин Лафизов, иқтисодчӣ
Уорен Баффет, инвестор
Беҳзод Ҷӯраев, иқтисодчӣ

48
19 СТРАН С САМЫМ ВЫСОКИМ УРОВНЕМ ГОСУДАРСТВЕННОГО ДОЛГА

ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАЛАСАИ СОЛОНАИ ХБА ВА БОНКИ ҶАҲОНӢ 13

ВИОРЕЛ ГУЦУ: ПОМОЖЕМ ПРЕВРАТИТЬ ДЕНЕЖНЫЕ ПЕРЕВОДЫ В ИНВЕСТИЦИИ 25

Н.ЛАФИЗОВ, Б.ДЖУРАЕВ: РОЛЬ НБТ В УКРЕПЛЕНИЕ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ СТРАНЫ 31

SCHWEIZERISCHE NATIONALBANK - АСОСИ ПЕШРАВИИ ОН ДАР ЧИСТ? 56

ҲАМКОРИИ БОНКҲО ВА ЗАНОНИ СОҲИБКОР ВУСЪАТ МЕЁБАД 17




## Тиллои тоҷик - боигарии миллӣ



# НБО “Роғун”

## иншооти тақдирсоз ва рамзи нангу номуси миллии мо мебошад

# ДАР ИН ШУМОРА

3 | ЭМОМАЛӢ РАҲМОН:
**НБО "РОҒУН" – ИНШООТИ ТАҚДИРСОЗ**

13 | **ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАЛАСАИ СОЛОНАИ ХБА ВА БОНКИ ҶАҲОНӢ**

Мо чунин мешуморем, ки ҳар як кишвар метавонад ягон чизе пешниҳод кунад ва тадбирҳоеро роҳандозӣ кунад, ки ба рушди иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат намоянд.

17 | **ҲАМКОРИИ БОНКҲО ВА ЗАНОНИ СОҲИБКОР ВУСЪАТ МЕЁБАД**

Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2015 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба занони соҳибкор 1,3 миллиард сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст. Дар 5 соли охир, ҳиссаи қарзҳои хурди ба занҳо додашуда афзоиш ёфта, 20 - 25% ҳаҷми умумии қарзҳоро ташкил медиҳад".

25



25 | **ВИОРЕЛ ГУЦУ: ПОМОЖЕМ ПРЕВРАТИТЬ ДЕНЕЖНЫЕ ПЕРЕВОДЫ В ИНВЕСТИЦИИ**

Наш проект направлен на то, чтобы помочь тем семьям и тем мигрантам, которые хотят инвестировать в сельское хозяйство и в развитие инфраструктуры . . .




21 | **ШАРИФ РАҲИМЗОДА: СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ ВА МУАММОҲОИ ИМРӮЗАИ ПЕШБУРДИ ОН**

Сиёсати молиявӣ ин ҷамъи чорабиниҳо оид ба ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ барои таъмини иҷрои вазифаҳои давлат мебошад.

36 | **LAFIZOV N., JURAEV B.: ROLE OF NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN IN STRENGTHENING THE BANKING SYSTEM OF TAJIKISTAN**

At this stage, the major role was played by external economic problems which led to economic slowdown of our strategic partners (Russia, Kazakhstan). In addition a reduction in the level of purchasing power of population.

48 | **19 СТРАН С САМЫМ ВЫСОКИМ УРОВНЕМ ГОСУДАРСТВЕННОГО ДОЛГА**

Мы живем в мире с очень низкими ставками, пишет Лианна Бриндед на портале Business Insider. Это означает, что и государствам, и отдельным людям обслуживание задолженности обходится дешевле.

61 | **НИЗОМИ БОНКӢ ДАР 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ**

Дар муддати 10 соли охир рушди ҳақиқии ММД ба ҳисоби миёнасолона 6,8 фоизро ташкил намуд, ки ин аз қабули барномаҳои дурусти иқтисодӣ ва татбиқи амалии . . .

# В ЭТОМ НОМЕРЕ



17 | ҲАМКОРИИ БОНКҲО ВА ЗАНОНИ СОҲИБКОР ВУСЪАТ МЕЁБАД



51 | ЧАРО УОРРЕН БАФФЕТ ТАСМИМ ГИРИФТ МИЛЛИАРДҲОИ ХУДРО ХАЙР КУНАД?



31

РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНОГО БАНКА ТАДЖИКИСТАНА В УКРЕПЛЕНИЕ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ СТРАНЫ

31 | Н.ЛАФИЗОВ, Б.ДЖУРАЕВ: РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНОГО БАНКА ТАДЖИКИСТАНА В УКРЕПЛЕНИЕ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ СТРАНЫ

По оценкам Национального банка Таджикистана, в настоящее время нет никаких объективных данных об уменьшении сберегательной активности, несмотря на то, что в течение прошлого года . . .

39 | ТАРҲҲОИ ҒАЙРИТАВОЗУНӢ МУШКИЛОТИ САНГИН БА БОР МЕОРАНД

Ташкилкунандагони чунин тарҳҳои қаллобиро бояд ба маҳкама кашид. Онҳо, бидуни шубҳа, номи тамоми бонкҳоро – хурду миёна ва бузургро доғдор менамоянд.

56 | SCHWEIZERISCHE NATIONALBANK – АСОСИ ПЕШРАВИИ ОН ДАР ЧИСТ?

Соли ҷорӣ Бонки миллии Швейцария ба андозаи зиёда аз 20 млрд. франки швейцарӣ фоида ба даст овард. Қисмати зиёди фоида 13 млрд. франк дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои . . .

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

МАҶАЛЛАИ ТАҲЛИЛИИ БОНКӢ
4 (75) ОКТЯБР-ДЕКАБР, 2016

**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**

РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нурмаҳмадзода
АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ф.Ҳамрализода, Ҷ.Нуралиев, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов
Мутахассис: М.Алимова

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 354 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.



# НБО "Роғун" – иншооти тақдирсоз

Суханронӣ дар маросими иваз кардани маҷрои дарёи Вахш

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони арҷманд ва сохтмончиёни гиромӣ!**
Ин лаҳзаҳо мо ба хотири оғози корҳои бунёди сарбанди нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», ки яке аз марҳалаҳои муҳими сохтмони ин иншооти бузург ба шумор меравад, ҷамъ омадаем.

Расидан ба ин рӯзи некро тамоми сокинони Тоҷикистон солҳо интизор буданд ва фарзандони бонангу номуси Ватан - мутахассисону сохтмончиёни баландихтисос барои наздик овардани чунин рӯзи таърихӣ шабонарӯз заҳмат кашиданд.

Яъне имрӯз рӯзи равшаниву нур ва бунёди пойдевори асосӣ барои расидан ба ормонҳои миллӣ ва фардои дурахшони Тоҷикистони азизамон мебошад.

Бинобар ин, ман бо камоли ифтихор кулли мардуми шарифи кишвар, хусусан шумо, бунёдкорони нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», лоиҳакашону бинокорон, кормандони муҳандисиву техникии ин ҷабҳаи барои Ватани маҳбубамон тақдирсоз, инчунин роҳбарону мутахассисони ҳамаи ширкатҳои ватаниву хориҷӣ ва махсусан, пудратчии асосии бунёди сарбанд – ширкати «Салини Импре - ҷило» - ро ба муносибати ин рӯйдоди таърихӣ сидқан табрик мегӯям.

Ояндаи наздик ҳар як сокини мамлакат аз самараи заҳмати шумо бахравар хоҳад гашт, зеро хонаҳои ҳамватанони мо бо нуре таъмин мегардад, ки бо заҳмати бунёдкоронаи шумо дар ҳамин нерӯгоҳ истеҳсол хоҳад шуд.

Бинобар ин, итминони комил дорам, ки дар ин лаҳзаҳо ҳамаи сокинони мамлакатро рӯҳияи баланди миннатдорӣ ва ифтихор аз ғайрати созандаи шумо, сохтмончиёни баҳодур фаро гирифтааст.

Басо рамзист, ки ин рӯйдоди воқеан таърихӣ дар соли таҷлили ҷашни муқаддаси 25 - солагии истиқлолияти давлатии Ватани маҳбубамон ба вуқӯъ мепайвандад ва дастоварди беҳтарини мардуми шарифи кишварамон дар ин сол мебошад.

Тавре ки медонед, таърихи биступанҷсолаи кишварамон пур аз тазоду мушкилот, бурду бохт ва пастиву баландиҳо буд.

Бо вуҷуди ҳама мушкилиҳо, мо тавонистем, ки ба шарофати дастгирии самимона ва кӯшишу заҳмати мардуми ватандӯсту қавииродаи кишварамон рушди бомароми устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакатамонро таъмин намоем.



Вале дар роҳи рушди иқтисоди миллӣ ва ҷомеаи мо ҳанӯз як қатор мушкилоте боқӣ мондаанд, ки ҳаллу фасли онҳо барои рушди ояндаи кишвари азизамон ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум хеле муҳим мебошад ва мо вазифадорем, ки барои ин кор дастаҷамъона талош варзем.

Яке аз ин масъалаҳо нарасидани нерӯи барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон мебошад.

Чунонки ба ҳама маълум аст, дар Тоҷикистон манбаъҳои нафту газ ва истихроҷу коркарди сӯзишворӣ ба қадри кофӣ нестанд, вале захираҳои гидроэнергетикии кишварамон хеле бузурганд, ки онҳо боигарии миллии мо мебошанд ва истифодаи оқилонаи онҳо метавонад имкониятҳои моро доир ба таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар бамаротиб афзун гардонад.

> Имрӯз рӯзи равшаниву нур ва бунёди пойдеври асосӣ барои расидан ба ормонҳои миллӣ ва фардои дурахшони Тоҷикистони азизамон мебошад.

Бо вуҷуди чунин иқтидори бузург дар давоми солҳои зиёд кишвари мо дар фаслҳои тирамоҳу зимистон ба норасоии шадиди нерӯи барқ рӯ ба рӯ мешавад, ки ин боиси мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ мегардад.

Солҳое буданд, ки мардуми кишвар дар хунуктарин давраи сол ҳамагӣ як - ду соат барқ мегирифтанд ва баъзе рӯзҳо умуман бебарқ мемонданд.

Муассисаҳои барои мардум ҳаётан муҳим - мактабҳо, беморхонаҳо ва корхонаҳои саноатӣ кор намекарданд. Ҳамаи ин, албатта, ба шароит ва сифати зиндагии мардум, рушди иқтисод ва ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонид.

Вобаста ба ин, Ҳукумати мамлакат таъмини истиқлолияти энергетикиро яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар қарор дода, барои расидан ба он тамоми захираву имкониятҳоро сафарбар намудааст.

Ҷиҳати таъмини минбаъдаи кишвар бо қувваи барқу гармӣ тавассути барқарор намудани нерӯгоҳҳои мавҷуда ва ба кор андохтани иқтидорҳои нав, бунёди хатҳои интиқоли барқ, кам кардани талафоти техникии он, истифодаи сарфакоронаи нерӯи барқ ва технологияи каммасраф ва аз ҷониби дигар, ба танзими оқилонаи захираҳои обӣ дар минтақа диққати аввалиндараҷа дода мешавад.

Татбиқи чандин лоиҳаи муҳим дар самти рушди соҳаи энергетика нишонаи заҳмату талошҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар мебошад, ки дар натиҷа имрӯз шиддати норасоии нерӯи барқ хеле коҳиш ёфта, сатҳи зиндагии мардум бамаротиб беҳтар гардид.

Умуман, дар зарфи бисту панҷ соли истиқлолият дар кишварамон зиёда аз 1300 мегаватт иқтидорҳои нави энергетикӣ ба истифода дода шуданд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ бо мақсади рушди соҳаи энергетика ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани иқтидорҳо ва инфрасохтори энергетикӣ аз ҳисоби ҳамаи

сарчашмаҳо 26 миллиард сомонӣ (зиёда аз се миллиард доллари амрикоӣ) равона гардидааст.

Аз ҷумла, барои ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ 8,6 миллиард сомонӣ (баробар ба як миллиарду 225 миллион доллари амрикоӣ), бунёди инфрасохтори нави энергетикӣ, хатҳои интиқоли

Айни замон, дар баробари корҳои аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ иҷрошудаистода, татбиқи 6 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 4,8 миллиард сомонӣ, аз ҷумла барои бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ 2,7 миллиард сомонӣ, инфрасохтори нав як миллиард сомонӣ ва барои таҷдиду

таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии «Норак» (иваз кардани ду чархаи корӣ ва таъмиру таҷдиди инфрасохтори он) то имрӯз беш аз 650 миллион сомонӣ хароҷот гардидааст.

Илова ба ин, ҷиҳати расидан ба истиқлолияти энергетикӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва сармояи хориҷӣ 36 миллиард сомонӣ (беш



барқ ва зеристгоҳҳо сеюним миллиард сомонӣ (500 миллион доллари амрикоӣ) ва барои таҷдиду азнавсозии таҷҳизоту шабакаҳои мавҷуда, бартараф намудани ҳолатҳои фавқулода ва баҳисобгирии нерӯи барқ қариб якуним миллиард сомонӣ (беш аз 200 миллион доллари амрикоӣ) сарф шудааст.

азнавсозии таҷҳизоту шабакаҳои мавҷуда 900 миллион сомонӣ идома дорад.

Барои корҳои барқарорсозӣ ва сохтмони нерӯгоҳи «Роғун» дар давраи истиқлолият зиёда аз 12,5 миллиард сомонӣ маблағ азхуд карда шудааст.

Ҷиҳати анҷом додани корҳои

аз чор миллиард доллари амрикоӣ) равона мешавад.

Аз ҷумла, соли ҷорӣ таҷдиди нерӯгоҳи «Сарбанд» ба маблағи 1,1 миллиард сомонӣ оғоз шуда, соли оянда марҳалаи дуюми барқарорсозии нерӯгоҳҳои «Норак» ба маблағи се миллиард сомонӣ ва «Қайроққум» ба маблағи 600 мил-

лион сомонӣ шурӯъ мегардад.

Рӯзҳои наздик навбати дуюми Маркази барқу гармидиҳии «Душанбе-2» бо иқтидори 300 мегаватт ба кор оғоз хоҳад кард, ки дар баробари истеҳсоли нерӯи барқ, инчунин, хонаҳои сокинони пойтахти кишварро бо гармӣ таъмин мекунад.

Албатта, ин боз як қадами ҷиддӣ ба сӯи истиқлолияти энергетикии кишвар хоҳад буд. Вале тавре ки борҳо гуфтаам, бе сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ноил шудан ба истиқлолияти комили энергетикӣ ғайриимкон аст.

Сарбанди нерӯгоҳи «Роғун» бо баландии 335 метр баландтарин садди заминӣ (гиливу сангӣ) дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 миллиард киловатт – соат) калонтарин нерӯгоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд, ки ин рақам нисбат ба иқтидори истеҳсолии нерӯгоҳи барқи обии «Норак» якуним баробар зиёд мебошад.

Сохтмони чунин як иншооти бузургу беназир, яъне нерӯгоҳи «Роғун» ки барои Тоҷикистон тақдирсоз аст, аз лиҳози техникиву муҳандисӣ ва молиявӣ тартибу усули махсусро талаб менамояд.

Бинобар ин, таъкид месозам, ки бунёди нерӯгоҳи «Роғун» кори саҳлу осон ва яксолаву дусола нест.

Аз таҷрибаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Норак», ки 18 сол давом кард, мо медонем, ки бунёди чунин иншооти бузург муҳлати муайянро талаб мекунад, ки он ҳам аз талаботи технологияи сохтмони сарбанд ва ҳам аз муддати марҳала ба марҳала пур кардани обанбор бармеояд.

Қобили зикр аст, ки лоиҳаи нерӯгоҳи “Роғун” ба талошҳои имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои гузаштан ба “иқтисоди сабз”, ки асоси онро истифодаи сарчашмаи энергияи барқароршаванда ташкил медиҳад, мувофиқ буда, татбиқи он имконият медиҳад, ки партофти садҳо ҳазор тонна



газҳои карбон ба ҳавои атмосфера кам карда шавад.

Бо дарназардошти ин, мо тасмим гирифтаем, ки ин иншооти ҳаётан муҳимро бо истифода аз технологияҳои беҳтарину навтарин ва мутобиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалии сифату бехатарӣ бунёд намоем.

Маҳз ба ин хотир, баъди анҷом ёфтани марҳалаи арзёбии асосноккунии техникиву иқтисодӣ ва таъсири иҷтимоиву экологии лоиҳа, мо тавассути эълон намудани тендери байналмилалӣ ширкатҳои бонуфузи ҷаҳониро барои иштирок дар сохтмони нерӯгоҳ даъват кардем ва ширкати пирӯз – “Салини Импре - чило”-и Италия, ки дар соҳаи сохтмони иншооти гидротехникӣ дар арсаи байналмилалӣ яке аз ширкатҳои соҳибтаҷриба ба шумор меравад, аллакай, фаъолиятро барои сохтмони сарбанди нерӯгоҳ оғоз намудааст.

Яъне сарбанди нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” - ро маҳз ҳамин ширкат месозад.

Иҷрои корҳо оид ба назорати раванди сохтмон ва намояндагии фармоишгар ба дӯши ширкати бонуфузи дигар – “Трактебел инҷи - ниринг”-и Франсия, ки дар самти корҳои машваратӣ ва муҳандисӣ таҷрибаи зиёд дорад, гузошта шудаанд.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ман ба ҳамаи ширкатҳои ватаниву хориҷӣ, ки дар бунёди нерӯгоҳ заҳмат кашида истодаанд, барори кор орзу менамоям.

Айни замон дар ин иншооти муҳими аср қариб 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон машғули кор буда, зиёда аз 2100 адад техника ва мошину механизмҳо сафарбар карда шудаанд.

Чунонки зикр кардам, дар ҷараёни сохтмон ба сифати кор, масолеҳ ва таъмини стандартҳои байналмилалии бехатарӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Бинобар ин, ба иншоот беҳтарин ва навтарин таҷҳизоти санҷиши сифат ва назорати корҳои сохтмон ва фаъолияти минбаъдаи нерӯгоҳ ворид карда шуда, мавриди истифода қарор доранд.

Навбати аввали нерӯгоҳ, яъне агрегати якум охири соли 2018 ва агрегати дуюм моҳи апрели соли 2019 ба истифода дода шуда, нерӯи барқи истеҳсолшуда ба системаи энергетикии кишвар интиқол дода хоҳад шуд.

Яъне моҳи декабри соли 2018 нерӯгоҳи Роғун ба истеҳсоли нерӯи барқ оғоз мекунад ва нури Роғун дастраси ҳар як хонадони мардуми Тоҷикистон гашта, барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ қадами ниҳоӣ гузошта мешавад.

Дӯстони азиз!

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи хосаро тақозо менамояд, аҳамияти минтақавӣ доштани лоиҳаи мазкур аст. Иншооти “Роғун” бо иқтидори 3600 мегаватт ва ғунҷоиши 13,3 километри мукааб об дар обанбори он, дар ҳақиқат метавонад барои ҳаллу фасли масъалаҳои обу энергетика дар минтақа нақши арзишманд дошта бошад.

Бунёди иншооти энергетикӣ дар дарёҳои Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба таъмини тавозун байни масъалаҳои обӣ ва энергетикӣ равона шуда, дар оянда наздик ба ягона роҳи паст кардани зарар ва камобиву обхезиҳои эҳтимолӣ дар ҷараёни миёна ва поёноби Амударё табдил хоҳад ёфт.

Иншооти мазкур имкон медиҳад, ки дар кишварҳои поёноб обёрии заминҳои дар истифода қарордошта ва азхудкунии заминҳои нав таъмин карда шавад.

Ташхисҳои аз ҷониби коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ва олимону коршиносони машҳури ҷаҳонӣ амалигардида далели гуфтаҳои боло мебошанд.

Зимнан, ҷиҳати ҳаматарафа ба инобат гирифтани манфиатҳои кишварҳои минтақа мо соли 2007 ба Бонки Ҷаҳонӣ барои гузаронидани ташхиси байналмилалии лоиҳа муроҷиат намудем ва аз он вақт ҳафт солро сарфи гуфтушунид ва омӯзишу таҳқиқоти ин лоиҳаи муҳим намудем.

Беҳтарин коршиносони ҷаҳонӣ тавассути ду ширкати мушовир ва ду гурӯҳи мутахассисони мустақил ба ин раванд ҷалб гардида буданд, ки тавассути машварату пажӯҳишҳо ва ташкили ҷаласаҳои махсус бо кишварҳои минтақа ҷанбаҳои гуногуни лоиҳаро ҳамаҷониба баррасӣ карда, хулосаҳо пешниҳод намуданд.

Дар натиҷа соли 2014 арзёбии асосноккунии техникиву иқтисодӣ ва таъсири иҷтимоиву экологии лоиҳа имконпазирии сохтмони нерӯгоҳи Роғунро тасдиқ намуд.

Ҳоло, дар шароите, ки ба минтақаи мо тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои харобиовари он ба муҳити зист, инчунин, нарасидани об зарари торафт калон мерасонанд, сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ иқдоми оқилонаву самаранок ва фоидаовару безарари истифодаи захираҳои обу энергетикӣ ба шумор меравад.

Дар хотир бояд дошт, ки маҳз сохтмони нерӯгоҳҳои нави хурду бузурги барқи обӣ имкон фароҳам меорад, ки на танҳо норасоии нерӯи барқ бартараф карда шавад, балки дар даврахои хушксолӣ ҳамаи кишварҳои поёноби минтақа бо об таъмин гарданд.

Аз ин лиҳоз, мо мехоҳем тавассути роҳандозии барномаҳо дар соҳаи энергетика захираву имкониятҳои худро ба хизмати тамоми сокинони минтақаи Осиёи Марказӣ гузорем, зеро содироти нерӯи барқ тавассути шабакаҳои байнидавлатӣ ва таъминоти мунтазами об ба манфиати ҳамаи кишварҳои минтақа мебошад.

Тоҷикистон дар сиёсати худ аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳамкориҳои минтақавиро, бахусус, бо кишварҳои ҳамсояи худ ҳамеша дар мадди аввал мегузорад ва чунин муносибатро ягона роҳи ҳалли ҳама гуна мушкилот мешуморад.

Дар робита ба ин, мо борҳо иброз намудаем ва мехостам такроран таъкид намоям, ки мо тарафдори ҳамкориҳои самарабахшу мутақобилан судманд бо давлатҳои минтақа дар самти амалӣ сохтани нақшаҳо доир ба обу энергетика мебошем.

Зеро чунин муносибат тақозои ҳаёт буда, ба зиммаи ҳамаи мо дар назди наслҳои ояндаамон масъулияти бузургро мегузорад.

Вобаста ба ин, ба халқҳои бародари Осиёи Марказӣ муроҷиат карда, изҳор менамоям, ки халқи тоҷик дар давоми асрҳои зиёд бо ҳамсояҳои худ дар фазои оромиву осоиш ва ҳамдигарфаҳмиву ҳамкорӣ зиндагӣ кардааст.

Бо масъулияти тамом иброз медорам, ки мо ба идомаи ин анъанаи неки ниёгонамон ҳамсояҳои худро ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ ваҷҳ бе об намегузорем.

Илова бар ин, такроран иброз медорам, ки мо омодаем бо ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ лоиҳаи бо оби нӯшокии аълосифати кӯли Сарез таъмин намудани кулли мардуми кишварҳои Осиёи Марказиро амалӣ созем, ки барои мардуми минтақа абадан басанда аст.

Мо имрӯз бо кишварҳои минтақа, аз ҷумла бо Ӯзбекистони дӯсту бародар дар самтҳои мутақобилан судманд, бахусус, обу энергетика, нақлиёт ва соҳаҳои дигар ҳамкориҳои неки ҳамсоягиро ба роҳ мондаем ва эътимоди комил дорем, ки тамоми масъалаҳои муҳими муносибатҳои дуҷониба дар рӯҳияи ҳусни тафоҳум ва ба манфиати халқҳоямон ҳалли худро пайдо хоҳанд кард.

Ҳамватанони азиз!

Тоҷикистон имрӯз дар марҳалаи татбиқи ҳадафҳои созандаву ободгарона, бахусус бунёди иншооти хурду бузурги гироэнергетикӣ қарор дорад.

Мақсади асосии мо аз татбиқи ин ҳадафи созанда, дар навбати аввал, таъмин кардани истиқлолияти энергетикии кишварамон буда, ҳамзамон бо ин, ният дорем, ки раванди саноатикунонии мамлакатро густариш бахшем ва бо ин роҳ ҳазорҳо ҷойҳои корӣ таъсис диҳем, иқтидори истеҳсолӣ ва содироти Тоҷикистонро афзун карда, масъалаҳои иҷтимоиро ҳаллу фасл намоем.

Ва ин амри табиист, зеро бинои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар олами тағйирёбандаи оғози ҳазорсолаи сеюм бояд тарҳу симои хосаи худро соҳиб гардад ва мардуми Тоҷикистон масъулияти худро дар назди таърихи гузаштаву тақдири ояндаи миллат сарбаландона иҷро намоянд.

Дар хотима мехоҳам иброз намоям, ки ҳамаи дастовардҳои мо дар самти рушди соҳаи энергетика ва умуман, дар ҳама соҳаҳои ҳаёт маҳз самараи истиқлолият мебошанд ва миллати тоҷик дар фазои ваҳдату ягонагӣ ва оромиву субот ҳар рӯз дар самти расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Итминони комил дорам, ки халқи мо барои ноил гардидан ба дастовардҳои аз ин ҳам бештар қодир аст ва ба хотири рушди давлат, ободии Ватан ва зиндагии ором у осудаи ҳар як хонадони кишвар минбаъд низ содиқонаву аҳлона заҳмат хоҳад кашид.

Бо ибрози ҳамин ниятҳои нек бори дигар кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи шумо ҳозирини арҷманд, инчунин, ширкатҳои ҳамкор ва сохтмончиёнро ба муносибати рӯйдоди таърихии имрӯза самимона табрик гуфта, ба ҳар фарди Ватан хушбахтӣ, иқболи нек ва ба Тоҷикистони азизамон ободиву пешрафти боз ҳам бештарро орзу менамоям.

Ба шумо, бунёдкорони баҳодури нерӯгоҳи барқи обии "Роғун", ки иншооти тақдирсоз ва рамзи нангу номуси миллии мо мебошад, саломатӣ, барору комёбиҳои тоза ва фатҳу кушоиши рӯзафзун орзумандам.

Ҳамеша саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР БМТ

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 ноябри соли равон Машрабзода Ҳамидулло Маҳмадулло муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шуд.

Машрабзода Ҳамидулло Маҳмадулло баъд аз хатми Университети давлатии Тоҷикистон бо ихтисоси информатикаи иқтисодӣ ва автоматикунонии системаҳои идоракунӣ фаъолияти худро соли 1995 ба сифати муҳандис барномасози дараҷаи 1-и шуъбаи таҳия ва татбиқи барномаҳои мудирияти ҳисоббаробаркунии Бонки миллии Тоҷикистон оғоз намудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки номбурда аз ибтидои фаъолияти худ то имрӯз, яъне 21 сол дар Бонки миллии Тоҷикистон дар зинаҳои гуногун кор кардааст. Дар ин муддат дар вазифаҳои муҳандиси пешбари шуъбаи барномарезии системавии Мудирияти ҳисоббаробаркунӣ, сардори шуъбаи барномарезии системавии Мудирияти ҳисоббаробаркунӣ, сардори шуъбаи барномарезии системавии Идораи технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои пардохтӣ, сардори Идораи технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои пардохтӣ, директори Департаменти низоми пардохт ва директори Департаменти технологияҳои иттилоотии Бонки миллии



**Машрабзода Ҳамидулло Маҳмадулло**

Тоҷикистон фаъолият намуда, дар пешрафти фаъолияти низоми бонкии мамлакат саҳми арзандаи худро гузоштааст.

Ҳамидулло Машрабзода зимни фаъолияти худ дар Бонки миллии Тоҷикистон дар семинарҳои байналмилалӣ оид ба технологияҳои иттилоотӣ, низомҳои пардохт ва ҳифзи иттилоот дар шаҳрҳои Вена, Женева, Минск ва Варшава иштирок намудааст.

Курси такмили ихтисосро дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи барномаи “Идоракунии давлатӣ”, инчунин курсҳои “Маъмурии AIX” ва “Таъмини амнияти иттилоот дар шабакаҳои компютерӣ”-ро дар марказҳои таълимии IBM ва Microsoft гузаштааст.

Ҳамзамон Роҳбари гурӯҳи истифодабарандагони SWIFT дар Тоҷикистон мебошад.

**Хабарнигори “БТҶ”**

### ҚОНУН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ПАРДОХТӢ ВА НИЗОМИ ПАРДОХТ» ҚАБУЛ ГАРДИД

26 октябри соли равон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонун «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт»-ро баъди баррасиву муҳокима қабул намуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди низомҳои пардохт, ба танзим даровардани хизматрасониҳои пардохтӣ, мутобиқ намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ба таҷрибаи муосири байналмилалӣ, ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ ва ҷиҳати иҷрои Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои асосии инфрасохтори молиявӣ буда, дар баробари татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетӣ таваcсути гузаронидани пардохтҳо, барои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Қариб ҳар як амалиёти молиявӣ бо иҷро гардидани пардохтҳо ва истифода шудани низомҳои пардохт анҷом меёбад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки баробари рушди бозорҳои молиявӣ, зиёдшавии ҳаҷми пардохтҳо, амалиёт дар бозори асъор ва хариду фурӯши коғазҳои қиматнок аҳамиятнокии низомҳои пардохт ва назорати хавфҳои бо онҳо вобастабуда, рӯз аз рӯз меафзояд.



Дар шароити муосир пайдоиш ва татбиқи технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ дар бозори хизматрасониҳои пардохтӣ зарурати аз нав дида баромадани тартиби танзимро дар низоми пардохт ба вуҷуд овардааст.

Рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ зарурати афзоиши самаранокии гардиши маблағҳо ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар ҳаҷми умумии муомилоти пулӣ талаб намуда, мавҷудияти заминаи ҳуқуқӣ кафолати фаъолияти мунтазам ва боэътимоди низоми пардохт мебошад.

Барои рушди низоми пардохт таъмини заминаи ҳуқуқии навовариҳо, ки пайдоиши онҳо ба рушди технологӣ алоқаманд аст (маблағҳои электронӣ, интернет-пардохтҳо, пардохтҳои мобилӣ), инчунин, шартҳои умумии истифодаи воситаҳои электронии пардохт ва коркарди электронии иттилооти пардохт аҳамияти ниҳоят калон дорад. Бинобар ин, ба ҳисоб гирифтани хусусияти технологӣ ва зикри он дар санадҳои қонунгузории соҳаи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт аз ҳар ҷиҳат муҳим ва зарур мебошад.

Қонун «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» фаъолияти ташкилотҳо - таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, аз ҷумла ташкилотҳои интиқолдиҳандаи маблағҳои электронӣ, агентҳо ва субагентҳои бонкии пардохт, танзимгарони низомҳои пардохт, танзимгарони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохт, муайян намудани талабот барои ташкил ва фаъолияти низомҳои пардохт ва тартиби назорати низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, барои мутобиқ намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ба таҷрибаи муосири байналмилалӣ, ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохт, беҳтар намудани фаъолияти низоми пардохт ва сифати хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

*Шуъбаи матбуоти БМТ*

### ТАВЗЕҲОТИ БМТ БА МАҚОЛАИ "ТАДЖИКИСТАН ПО РЕКОМЕНДАЦИИ ФАТФ УСИЛИТ МЕРЫ КОНТРОЛЯ НА РЫНКЕ ЦЕННЫХ БУМАГ"

Бонки миллии Тоҷикистон дар робита ба мақолаи сомонаи "Азия-Плюс аз 10 октябри соли равон, дар хусуси аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди маълумот ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, нисбат ба амалиёти шубҳанок дар бозори коғазҳои қиматнок, маблағҳои нақдӣ ва ғайринақдии зиёда аз 500 000 сомонӣ, қайд менамояд, ки ин маълумот ба воқеият мутобиқат намекунад.

Сараввал қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи байналмилалӣ дар асоси Қатъномаи СММ №1617, иҷрои талаботи тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ)-ро ба зимма гирифтааст.

Дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тавсияҳои зикршуда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм"

(Қонуни МКД/МТ) -ро қабул намудааст.

Бинобар ин, зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок" маҳз бо мақсади мутобиқ намудани талаботҳои он ба талаботи Қонуни МКД/МТ ва тавсияҳои ФАТФ равона карда шудааст.

Ба якдигар мутобиқнамоии қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ чараёни муқаррарӣ буда, бо мақсади бартараф кардани бархурди манфиатҳо, ҷой надоштани ҳолатҳои коррупсионӣ ҳангоми дар амал татбиқ намудани он, дуруст ба роҳ мондани низоми танзим ва назорат, муайян намудани уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ ва ғайраҳо амалӣ карда мешавад.

Қабул ва иҷрои талаботи Қонуни МКД/МТ пеш аз ҳама ба ҳадафҳои таъмини бехатарии амнияти миллӣ ва устувории низоми молиявӣ равона гардида, ҷиҳати пешгирии таҳдидҳои истифодабарии низоми молиявӣ бо мақсади маблағгузории терроризм ва расмикунонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда мусоидат хоҳад кард.

Бо назардошти он ки бозори коғазҳои қиматноки ҷумҳурӣ дар марҳилаи инкишофёбӣ қарор дорад, таваҷҷуҳи хонандаро ба чунин маълумотҳои беасос, ки аз сарчашмаҳои номуътамад ба нашр мерасанд ва пеш аз ҳама оқибатҳои манфиро ба пешравии бозори коғазҳои қиматнок эҷод менамоянд, ғайримақсаднок арзёбӣ менамоем.

Бонки миллии Тоҷикистон аз васоити ахбори омма хоҳиш мекунад, ки пеш аз нашри ҳар гуна маълумот онро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба муътамадии сарчашмаҳои он таваҷҷуҳи хос зоҳир намоянд.

*Департаменти мониторинги молиявии БМТ*

## ФАЪОЛИЯТИ ҶСП "МАДАДГОРИ МАСТЧОҲ" ҚАТЪ ГАРДИД

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2016 дар асоси моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ва моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" бо сабабҳои муфлисшавӣ фаъолияти ҶСП ТҚХ "Мададгори Мастчоҳ" қатъ карда шуд.

Мутобиқи қарори зикршуда иҷозатномаи ташкилоти қарзии номбурда, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон 4 феврали соли 2013, таҳти №9 барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шуд.

Ҷанбаҳои дигари фаъолияти ташкилоти мазкур дар асоси қарори қабулгардида аз ҷониби масъулини Бонки миллии Тоҷикистон баррасӣ ва тибқи тартиби муқарраргардида ба суд пешниҳод карда мешавад.

## ТАМДИДИ МАЪМУРИЯТИ МУВАҚҚАТӢ

Бо мақсади солимгардонӣ ва барқарорсозии пурраи фаъолияти ҶСП "БСТ ТИСТ "Тоҷпромбонк" Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 49-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», бо қарори навбатии худ аз 3 ноябри соли равон, муҳлати ваколати маъмурияти муваққатиро дар бонки мазкур то 3 майи соли 2017 тамдид намуд.

Ба маъмурияти муваққатӣ дастур дода шудааст, ки фаъолияти худро дар асоси қонунгузории ҷумҳурӣ ба роҳ монда, бо мақсади беҳтар кардани вазъи молиявии ташкилоти қарзии номбурда иҷрои нақшаи солимгардонии тасдиқшудаи бонкро таъмин намояд.

## БМТ - БАРАНДАИ ҶОЙИ АВВАЛ ВА ҶОМИ МУСОБИҚА

Дастаи футболбозони Бонки миллии Тоҷикистон дар мусобиқаи футболи хурди силсилаи "А", ки дар ду давр – аз моҳи март то моҳи ноябри соли равон миёни дастаҳои нимакасбӣ баргузор гардид, иштирок намуда, барандаи ҷойи аввал ва сазовори ҷоми мусобиқа гашт.

Қобили қайд аст, ки даври ниҳоии мусобиқа, ки дар майдони варзишии Кумитаи андоз баргузор гардид, хеле тезутунд ва шавқовар гузашт. Футболбозони Бонки миллии Тоҷикистон барои сазовор



шудан ба ҷойи аввали мусобиқа бо дастаи "Сохтмони кишвар" муқовимат намуда, маҳорати хуб нишон доданд ва бо ҳисоби бузург 6-3 пирӯз шуда, дар байни 9 даста ҷойи аввалро ишғол намуданд.

Дар робита ба дастовардҳои дастаи мазкур хотиррасон менамоем, ки варзишгарони Бонки миллии Тоҷикистон бори сеюм аст, ки маҳорати хуби бозии футболро нишон дода, барандаи ҷойи аввал ва соҳиби ҷоми мусобиқа мешаванд. Ду дафъаи пешин футболбозони БМТ солҳои 2013 ва 2014 низ бо нишон додани бозии хуби футбол барандаи ин ҷом гашта буданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

## ТУРЕЦКАЯ ЛИРА УПАЛА ДО ИСТОРИЧЕСКОГО МИНИМУМА

Турецкая лира на торгах 13 октября упала на 0,8 процента до исторического минимума к доллару США — до 3,1112 лиры за доллар. Это произошло на фоне ожиданий, что американская ФРС повысит ставку, сообщает Bloomberg. Предыдущий рекорд был установлен в июле после неудачной попытки военного переворота в стране.



Кроме слухов о повышении ставок, на лиру отрицательно повлияли вышедшие 12 сентября данные по турецкой экономике. Они, в частности, показали рост платежного и бюджетного дефицитов, а также замедление темпов роста ВВП.

Вместе с валютой упали также котировки национального рынка акций и государственных облигаций. Основной индекс Стамбульской биржи потерял один процент и снижается четвертый день подряд.

В целом с начала года валюта Турции опустилась на 6,2 процента, став третьей худшей среди всех денежных единиц развивающихся рынков после аргентинского и мексиканского песо.

В начале августа сообщалось, что попытка путча в Турции обошлась ее экономике примерно в 100 миллиардов долларов. ВВП страны в 2015 году составлял 718 миллиардов долларов.

## КРУПНЕЙШИЕ БАНКИ, КОТОРЫЕ РАБОТАЮТ В ВЕЛИКОБРИТАНИИ, МОГУТ СКОРО ПОКИНУТЬ СТРАНУ

Банкиры говорят о рисках в связи с намерением Британии выйти из состава Евросоюза.

Многие финансовые организации Британии готовятся к переезду в другую страну Евросоюза. Небольшие банки начнут это делать ещё до Рождества, крупные покинут страну в первом квартале следующего года. Об этом сообщил изданию Guardian исполнительный директор Ассоциации британских банкиров Энтони Браун. По его мнению, в случае запуска процедуры выхода Британии из состава ЕС может возникнуть ситуация, когда большая часть торговли между Лондоном и Евросоюзом в финансовом секторе цитата «в худшем случае станет незаконной, поскольку банки потеряют разрешение регуляторов предоставлять услуги».

Издание Observer отмечает: офисы и представительства многих банков мира находясь в Лондоне доступны для всего европейского рынка. Они могут обслуживать клиентов из 28ми государств Евросоюза, не открывая дополнительных филиалов в других странах. Но из-за намерения Британии выйти из ЕС банкиры обеспокоены, что не смогут скоро полноценно работать из Лондона со всей территорией союза.

Источники Bloomberg в числе тех, кто планирует переезд, ранее называли Goldman Sachs, Deutsche Bank, Morgan Stanley и ряд других. Перенести свою штаб-квартиру из Лондона планирует и российский банк ВТБ.

Большинство жителей Великобритании в июне поддержало выход страны из ЕС. Процедура будет запущена до марта следующего года, недавно пообещала новый премьер страны Тереза Мэй. Решение выйти из состава ЕС привело к обвалу фунта. Многие крупные компании решили перенести бизнес из Британии.

## БАНК РОССИИ ДОПУСТИЛ ВВЕДЕНИЕ В ОБОРОТ ПЛАСТИКОВЫХ КУПЮР

Банк России не исключает возможности введения пластиковых банкнот в обращение. Об этом во вторник, 18 октября, сообщил первый заместитель председателя ЦБ Георгий Лунтовский, передает ТАСС.

«Такая возможность у "Гознака" существует, мы планируем выпустить памятную банкноту — 100 рублей, посвященную первенству мира по футболу», — сказал Лунтовский. Он сообщил, что в ЦБ намерены оценить, как эта банкнота будет вести себя в обращении. Купюра появится «за горизонтом этого года», добавил первый зампред регулятора.

При этом Банк России видит опасность ухудшения качества наличных денег и намерен уделять внимание сортировке банкнот кредитными организациями, отметил Лунтовский.

Он обратил внимание на опыт Великобритании, где качество денег в обращении снизилось, поскольку коммерческие банки не очень заинтересованы в правильной сортировке наличных денег. «Для этого и существует регулятор, который должен со своей стороны принимать все меры, чтобы коммерческие банки обеспечивали качественную сортировку денег», — подчеркнул он.

В России пока такой проблемы нет, считает чиновник. «Но мы постоянно мониторим качество наличных денег в обращении», — добавил Лунтовский.

# ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАЛАСАИ СОЛОНАИ ХБА ВА БОНКИ ҶАҲОНӢ

Аз 7-ум то 9-уми октябри соли 2016 дар Вашингтон Ҷаласаи умумии солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ баргузор гардид, ки дар он ҳайати расмии Тоҷикистон бо роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ва вазири молияи Тоҷикистон Абдусалом Қурбониён ширкат варзида, кишварамонро намояндагӣ карданд.

Тибқи тартиби муқарраршуда, дар Ҷаласаи умумии солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ раисони бонкҳои марказӣ, вазирони молия, роҳбарони бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва олимони соҳаи иқтисоди дунё ҷамъ омада, масъалаҳои муҳими иқтисоди ҷаҳон, аз ҷумла дурнамои иқтисодиёти олам, масоили устувории молиявии ҷаҳонӣ, рушди иқтисодӣ, аз байн бурдани камбизоатӣ ва фароҳам сохтани ҷойҳои кориро муҳокима намуданд.

### ДУРНАМОИ НАВИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

Президенти Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ Ҷим Ён Ким ва Директори Хазинаи байналмилалии асъор Кристин Лагард дар назди иштирокдорони ҷаласа перомуни масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби иқтисодиёти ҷаҳон суханронӣ намуданд. Онҳо, аз ҷумла дар бораи дурнамои иқтисодиёти ҷаҳон, раванди паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди иқтисодиёт ва самтҳои босамар истифода бурдани кӯмакҳои молиявӣ андешаҳои худро баён сохта, барои беҳтар намудани вазъи иқтисоди ҷаҳон тавсияҳои худро ироа карданд.

Ҷим Ён Ким, Президенти Бонки ҷаҳонӣ зимни суханронии худ дар ҷаласаи солона, пеш аз ҳама ба зарурати диққати асосиро равона сохтан ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои рушди фарогир таъкид намуд. Номбурда иброз дошт, ки барои ба даст овардани ҳадафҳои назаррас Бонки ҷаҳонӣ стратегияи 15 соли ояндаро таҳия кардааст, ки қабули он фаъолияти чусту чолок ва ҷавобгӯ ба дархосту хоҳишҳои муштариёнро талаб мекунад.

### ДАЪВАТИ ХОНУМ КРИСТИН ЛАГАРД

Тавре аз гузориши охири Хазинаи байналмилалии асъор дар бораи дурнамои иқтисодӣ бармеояд, рушди иқтисоди ҷаҳон дар соли 2016 3,1% ва дар соли 2017 3,4% пешбинӣ мешавад. Кристин Лагард ин суръати рушди иқтисодиро ғайриқаноатбахш ҳисобида, гуфт: "рушди иқтисоди дунё муддати дароз аст, ки беҳад суст шудааст."

Бинобар ин, ба таъкиди ӯ, кишварҳои узви Хазинаи байналмилалии асъор барои ноил шудан ба рушди иқтисодӣ бояд фишангҳои фискалиро истифода баранд, ислоҳоти сохториро татбиқ намоянд, илм ва тадқиқотро дастгирӣ кунанд ва лоиҳаҳои инфрасохториро маблағгузорӣ намоянд.

Кристин Лагард зимни суханронии худ гуфт, ки ҳар як кишвари сайёра метавонад ба рушди иқтисоди ҷаҳон мусоидат кунад. Бинобар ин, вай даъват кард, ки вазирони молия ва роҳбарони бонкҳои марказӣ имкониятҳои кишварҳои худро барои мусоидат намудан ба рушди иқтисоди ҷаҳон мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Вай аз ҳамаи давлатҳо даъват кард, ки барои ҳавас-




мандгардонии рушди иқтисодӣ дар солҳои наздик тадбирҳои ҷиддӣ рӯи даст гиранд: "- Мо чунин мешуморем, ки ҳар як кишвар метавонад ягон чизе пешниҳод кунад ва тадбирҳоеро роҳандозӣ кунад, ки ба рушди иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат намоянд."

## ҶАҲОНИШАВӢ БОЯД БА МАНФИАТИ ҲАМА КОР КУНАД

Мавриди зикр аст, ки Ҷаласаи умумии солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ҳар тирамоҳ дар шаҳри Вашингтон баргузор мешавад ва дар он доираи васеъи масъалаҳои марбут ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди иқтисодии байналмилалӣ ва фаъолияти молиявӣ мавриди баҳс қарор мегиранд.

Ҷаласаи солона ҳамчун майдончаи воҳӯрии роҳбарони бонкҳои марказӣ ва вазирони молияи кишварҳо барои ҳамкориҳои байналмилалӣ хизмат мекунад.

Роҳбари Хазинаи байналмилалии асъор дар ин ҷаласа ҳамчунин ба тарафдории баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои байналмилалӣ баромад кард. Вай, аз ҷумла гуфт: "мо чунин мешуморем, ки ҳамкорӣ ва ҷаҳонишавӣ барои ҳама кор мекунанд. Ҳанӯз вақти сухан рондан бар зидди ҷаҳонишавӣ фаро нарасидааст. Алҳол зарур аст, диққатамонро ба он равона кунем, ки донем, кӣ чӣ кор карда истодааст. Ҷаҳонишавӣ бояд ба манфиати ҳама кор кунад".

Хазинаи байналмилалии асъор ҳамчунин эълон кард, ки

**Мо чунин мешуморем, ки ҳар як кишвар метавонад ягон чизе пешниҳод кунад ва тадбирҳоеро роҳандозӣ кунад, ки ба рушди иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат намоянд.**

омодааст ба кишварҳои рушдкунанда барои мубориза бо таконҳои имконпазир кӯмак расонад, то он ки онҳо ба қарзҳои ба қадри кофӣ гарон дар бозори байналмилалӣ ё ба қарзҳои дуҷониба ниёзманд шаванд.

Кристин Лагард таъкид намуд, ки "Ман бо хушнудӣ эълон мекунам, ки ба қарибӣ Хазинаи байналмилалии асъор меъёри бефоиз (сифр)-ро то соли 2018 барои ҳамаи механизмҳои имтиёзноки



хазина тасдиқ намуд”. Вай зикр кард, ки шартномаҳои нави маблағгузорӣ, ки дарояндаи наздик имзо мешаванд, ба сифати омили ҳимоякунандаи иловагӣ аз зарбаҳои эҳтимолии буҳрон хизмат хоҳанд кард.

Ӯ гуфт, агар мо ба зарбаҳои нави ҷаҳонӣ дучор шавем, дар дасти мо асбобҳои дастраси зиёд барои амал кардан намемонанд. Дар он ҳолат рушди иқтисодӣ, албатта яке аз ин асбобҳо хоҳад шуд”.

## МУЛОҚОТҲОИ СУДМАНДИ ҲАЙАТИ ТОҶИКИСТОН

Дар ҳошияи ҷаласаи солонаи Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор чандин брифингҳои минтақавӣ, нишастҳои матбуотӣ ва воҳӯриҳои роҳбарони бонкҳои марказӣ ва вазирони молияи кишварҳои олам бо ҳамдигар баргузор шуд, ки бино ба гузоришҳои расмӣ ҳамаи онҳо фарогири масъалаҳои марбут ба иқтисодиёти ҷаҳон, рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва низоми ҷаҳонии молиявӣ буданд.

Дар рафти ин ҷаласаҳо, ҳайати намояндагии расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қатор семинару машваратҳои минтақавӣ, нишастҳои матбуотӣ оид ба вазъи иқтисодиёти ҷаҳон, рушди байналмилалӣ, бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ва хизматрасониҳои молиявии исломӣ ширкат варзиданд.

Метавон гуфт, ки ҳамаи ин воҳӯриҳо барои Тоҷикистон манфиатовар буданд. Аз он ҷумла, ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муовини Президенти Бонки ҷаҳонӣ Сирил Мюллер, Директори Департаменти кишварҳои Шарқ ва Осиёи Марказии ХБА, мудирони иҷроия ва мудирони алтернативии ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ дар бораи масъалаҳои марбут ба сиёсати монетарию фискалӣ ва ислоҳоти сохторӣ, инчунин оид ба татбиқи Барномаи Бонки ҷаҳонӣ ва Барномаи нави ХБА мулоқотҳо анҷом дод.

Лозим ба ёдоварист, ки Мудирони иҷроияи Хазинаи байналмилалии асъор Даниел Ҳеллер ва Бонки ҷаҳонӣ Йорг Фриден вобаста ба итмом расидани муҳлати ваколатҳояшон, салоҳияти худро ба мудири нави иҷроияи ХБА Мирослав Панек ва мудири нави

иҷроияи Бонки ҷаҳонӣ Варнер Грубер супурданд.

Мудирони нави иҷроияи ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ дар мулоқот бо ҳайати Тоҷикистон ваъда доданд, ки ҳамкориҳоро бо Тоҷикистон ҷоннок намуда, кӯшиш ба харҷ хоҳанд дод, то ки муносибатҳои хуби миёни Тоҷикистону ташкилотҳои молиявии бонуфузи ҷаҳонӣ боз ҳам тақвият ёбанд.

## ВОХӮРӢ БО РАИСОНИ БОНКҲОИ МАРКАЗӢ

Ҳамчунин раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва вазири молияи кишвар дар чорабиниҳои раисони бонкҳои марказӣ ва вазирони молияи давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз оид ба дасгирии рушди устувор тариқи барқарорсозии бахши молиявӣ ва устувории фискалӣ низ иштирок намуданд.

Дар чорабинии мазкур таҳти роҳбарии Директори ХБА Кристин Лагард барои мудирони ХБА ва Кумитаи ХБА вохӯрии ҷамъбастӣ баргузор гардид, ки дар он маърӯзаҳои мудирони ХБА дар давлатҳои минтақаи Америкои Лотинӣ, ИМА, Британияи кабир, Ҷумҳурии мардумии Чин ва Фаронса оид ба таъсири хавфҳои беруна ба иқтисодиёти кишварҳояшон ва натиҷаҳои бадастомадаи онҳо мутобиқи нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронии онҳо пешниҳод карда шуд.

Ҳамчунин Ҳайати намояндагии расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти вазъи молиявии ҷории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Сума Чакрабарти, Президенти Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд ба хотири андешидани чораҳои таъҷилӣ оид ба дастгирии низоми бонкии кишвар мулоқот баргузор намуд.

## ТАЪСИСИ ШӮРОИ ТИҶОРАТИИ ИМА – ТОҶИКИСТОН

Дар ҳошияи ҷаласаи солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ рӯзи 7 октябри соли 2016 ҷаласаи нахустини Шӯрои тиҷоратии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико – Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҷамшед Нурмаҳмадзода, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Абдусалом Қурбониён - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Умед Латифов – ҷонишини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фарҳод Салим – сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА ва Илҳом Раҷабов – намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор иштирок намуданд.

Аз тарафи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ин вохӯрӣ Директори бахши робита бо ҷомеа ва рушди тиҷорати байналхалқии ширкати AGCO, Роҳбари Шӯро Филлип Де Леон, ёвари намояндаи тиҷоратии ИМА дар Осиёи Ҷанубӣ Майкл Делани, мудири калони тиҷорати байналхалқӣ ва сармоягузории ширкати “Ҷенерал Электрикс”, ноиби Президенти Шӯро Орит Френкел ва инчунин намояндагони Департаменти давлатии ИМА, Вазорати савдо, Департаменти кишоварзӣ ва ширкатҳои тиҷоратии ИМА ширкат варзиданд.

Дар ин ҷаласа ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони доираҳои тиҷоратии ИМА оид ба талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳайё сохтани шароити мусоиди сармоягузорӣ, кафолат ва имтиёзҳо ба сармоягузорони хориҷӣ ва бахшҳои муҳиму афзалиятноки иқтисодиёти кишвар маълумоти муфассал пешниҳод намуданд.

Ҳарду ҷониб дар ин ҷаласа аз таъсиси Шӯрои тиҷоратии ИМА – Тоҷикистон, ки ба рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ равона шудааст, изҳори қаноатмандӣ намуда, барои густариши фаъолияти Шӯрои тиҷоратӣ дар оянда омодагии худро баён намуданд.

## НАТИҶАҲО БОСАМАР ХОҲАНД БУД

Бешубҳа, иштироки фаъолонаи ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи умумии солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ барои тақвияти ҳамкориҳои молиявию бонкии кишварамон бо созмонҳои муҳими байналмиллалӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳайати намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ доданд, ки бо назардошти манфиатҳои миллии кишвар вохӯриҳову мулоқотҳо самаранок анҷом дода шаванд. Дар навбати худ ташкилотҳою ширкатҳои номбурда аз омодагии хеш нисбати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори андеша намуданд.

**Таҳияи
Аслам Мӯминов
“БТҶ”**

# ҲАМКОРИИ БОНКҲО ВА ЗАНОНИ СОҲИБКОР ВУСЪАТ МЕЁБАД

Бо дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Ассосиатсияи миллии занони соҳибкори "Кадбону", Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар ташкилотҳои молиявӣ 10 ноябри соли равон дар маҷлисгоҳи БМТ бо иштироки зиёда аз 70 нафар занони соҳибкор ва кормандони низоми бонкӣ аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ дар мавзӯи "Нақши бонкҳо дар самти маблағгузорӣ ба занони соҳибкор" мизи мудаввар баргузор гардид.

Agriculture employs over 50 per-cent of the workforce in Tajikistan, but accounts for only a quarter of GDP. The sector depends heavily on just a few crops – wheat, barley, onions and garlic. The new program will also aim to help diversify agriculture in the country to include other fruit and vegetables, honey production, and the expansion of animal husbandry and dairy farming. Specific sub-sectors have been identified by the project consultants, Frankfurt School for Finance and Management, contracted by the EU under the ECTAP program.

The first microfinance institution to receive a tranche under the new program is Arvand. It will receive the

equivalent of US$ 2 million in the local currency, Tajik somoni. At present, farmers borrow almost exclusively in foreign currency, even though their income is in local currency, because affordable medium-term local currency financing is seldom available in the market.

Arvand, which has a large national network of dozens of branches and service outlets with a focus on the northern regions, is already focusing on agribusiness MSEs, which constitute over a third of their portfolio. Ms. Shoira Sodiqova, Arvand's General Director, said: "In Arvand, we strongly believe that even in difficult times for our country's economy we should continue to disburse loans and focus on agriculture to support its post-crisis development. Arvand has been the first to participate in many new initiatives in the sector. This program will be another chance for us to address our clients' needs with a new approach. I am sure that our experience and our strong, long-term partnerships with clients, as well as the fact that 60 per cent of our offices are in rural areas, will be key to the successful implementation of this program."

ECTAP is the latest in a series of projects supporting agribusiness in Tajikistan.

The EBRD has successfully implemented a Tajik Agriculture Financing Framework, where US$ 72 million was channeled to farmers via local partner financial institutions, with donor funds from the US, the EU, Luxembourg, and the EBRD's Early Transition Countries Fund.

A large percentage of EBRD credit lines aimed at SME lending in Tajikistan also goes to companies in the agribusiness sector.

In addition, the EBRD's Advice for Agribusiness team provides consultants and business advice for agribusiness companies, and works on developing value chains. In one recent example the EBRD became a minority shareholder in Auchan Tajikistan, which has just opened the first hypermarket of the country and has identified over 200 local suppliers who are now beginning to work with the hypermarket.

EBRD invested EUR 8.9 billion (USD 10.1 billion) in 377 projects in 34 countries during 2014, and as of December of that year it reported total members' equity of EUR 14.2 billion (USD 16.1 billion).

Arvand is a Microcredit Deposit-Taking Organization (MDO) that was established in Tajikistan in 2002 by the Agricultural Cooperative Development International/Volunteers in Overseas Cooperative Assistance (ACDI/VOCA), a US-based nonprofit that promotes economic opportunity through cooperatives, enterprises and communities. Arvand was set up to provide microcredit to low-income individuals in Tajikistan. As of 2016, it also Arvand provides deposit and microleasing services.

To date, the EBRD has invested over US$ 670 million in various sectors of Tajikistan's economy. The European Bank for Reconstruction and Development (EBRD) is a multilateral institution headquartered in London, England. The bank began operations in 1991 upon the agreement of 40 countries, and is owned by 64 countries as well as the European Investment Bank and the European Union as of 2014. It aims to finance operations that are both commercially viable and assist development in Eastern Europe, Central Asia and North Africa. It does this by providing loans, debt securities, equity investments, guarantees and technical assistance to micro- and small businesses via commercial banks and non-bank microfinance institutions (MFIs). EBRD invested EUR 8.9 billion (USD 10.1 billion) in 377 projects in 34 countries during 2014, and as of December of that year it reported total members' equity of EUR 14.2 billion (USD 16.1 billion).

**By Kevin van den Brink,**
**Research Associate**



# Schweizerische Nationalbank – асоси пешравии он дар чист?

Бонки миллии Швейтсария яке аз бонкҳои муваффақи ҷаҳон ба ҳисоб рафта, бо обрӯю эътибор ва эътимоднокии худ дар тамоми дунё машҳур гаштааст ва барои аксари бонкҳои маркази олам намунаи ибрат дониста мешавад. Захираҳои тиллоию асъории он дар оғози соли 2016 маблағи 649,2 млрд. доллари амрикоиро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба охири моҳи августи соли 2014 қариб 150 млрд. доллари ИМА зиёд аст. Бонки миллии Швейтсария аз ҳисоби даромадҳои худ ба қадри кифоя захираҳои асъорӣ ташкил медиҳад, ки як қисмати онҳо дар шакли тилло нигоҳ дошта мешаванд. Бешубҳа, ин аз комёбиҳои беназири бонк ба ҳисоб меравад. Аслан сирри муваффақияти он дар чист?



## ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТ – ИБТИДОИ АСРИ XX

Бонки номбурда, ки дар борааш сухан меравад, бонки миллии мустақил ба шумор рафта, дар асоси қонуни асосии кишвар ва бо ҳадафи пешниҳоди хизматрасонии беҳтарин барои рушд ва манфиати давлат фаъолият мекунад. Бонки миллии Швейтсария 110 сол пеш дар соли 1906 бар асоси



Саридораи бонк дар Берн

**Соли ҷорӣ Бонки миллии Швейтсария ба андозаи зиёда аз 20 млрд. франки швейтсарӣ фоида ба даст овард. Қисмати зиёди фоида 13 млрд. франк дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои бобарори трансаксионӣ бо асъори хориҷӣ ва 7,6 млрд. франк аз ҳисоби баланд шудани нархи тилло ба даст оварда шуданд.**

қонуни федералии Швейтсария дар бораи Бонки марказӣ таъсис дода шудааст. Ҳанӯз 20 марти соли 1903 мушовири миллӣ Шерер - Фуллер лоиҳаи қонун дар бораи ташкили бонки марказиро пешниҳод намуда буд. Баъди якуним сол, яъне октябри соли 1905 қонуни Федералӣ оид ба Бонки миллии Швейтсария қабул гардид. Ва ниҳоят, 20 июни соли 1907 Бонки миллии Швейтсария фаъолияти худро дар Базел, Берн, Женева, Санкт-Галлен ва Сюрих оғоз намуд. Минбаъд дар дигар шаҳрҳои Швейтсария филиалҳои бонк кушода шуданд. Худи ҳамин сол Бонки миллии Швейтсария ба чопи пулҳои коғазии франки швейтсарӣ шуруъ намуд.

Тибқи қонуни Федералӣ оид ба Бонки миллии Швейтсария бонки зикршуда ҷамъияти саҳҳомии дорои мақоми махсус ба шумор меравад ва фаъолияти он бо низомномаҳои махсуси қонуни федералӣ танзим карда мешавад. Теъдоди саҳмияҳои он ба 100 ҳазор адад саҳмия баробар аст. Аз ин шумора 55 фоизи саҳмияҳои бонк марбути муасисаҳои давлатӣ буда, 45 фоизи боқимондаи он дар бозори фондӣ хариду фурӯш мешаванд ва моли шахсони воқеӣ мебошанд.

Бонки миллии Швейтсария ба ҳайси ширкати саҳомӣ ба саҳомони худ суд пардохт мекунад, аммо ҳаҷми умумии пардохт ба саҳмдорон набояд аз 6 фоизи фоидаи иёлоти аъзои Конфедератсияи Швейтсария бештар бошад.

Мустақилияти Бонки миллии Швейтсария ҳамчун бахши муҳими давлат дар қонуни асосӣ ва дар эъломияи таъсиси Бонки миллии Швейтсария таъкид шудааст. Қонуни асосии ин кишвар бонки марказиро аз фишорҳои гуногун муҳофизат менамояд ва аз пайравии бон-


Саридораи бонк дар Сюрих

ки марказӣ ба давлат, аз ҷумла, аз тобеият ба аъзои Шӯрои федералӣ ҷилавгирӣ мекунад. Қонуни асосии Швейтсария ҳамчунин монеъи додани қарз ба давлат аз тарафи Бонки миллии ин кишвар мешавад.

**Захираҳои тиллоию асъории он дар оғози соли 2016 маблағи 649,2 млрд. доллари амрикоиро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба охири моҳи августи соли 2014 қариб 150 млрд. доллари ИМА зиёд аст.**

## БОНКИ МИЛЛӢ, ВАЛЕ НА ТАНЗИМГАР

Назар ба амалияи бисёр мамлакатҳо, ки дар онҳо бонки марказӣ барои низоми миллии бонкӣ мақоми танзимгар ба ҳисоб меравад, Бонки миллии Швейтсария вазифаи танзимгарро анҷом намедиҳад, зеро ин кор ба ухдаи Комиссияи федералии бонкӣ гузошта шудааст.

Ба хотири ҳифзи аъзои шӯрои бонк, онҳо ба муддати муайян дар Бонки миллии Швейтсария фаъолият хоҳанд кард. Онҳо ба истисноӣ ҳолатҳои қонуншиканиҳои ҷиддӣ аз вазифаи худ барканор нахоҳанд шуд. Ба ибораи дигар, давлат наметавонад, ҳеҷ яке аз ин аъзоро бо сабаби он, ки вай ба дархости давлат амал накардааст, аз вазифаашон барканор кунад.

Аммо ин ҳама иқдомот дар бахши мустақилии бонки марказӣ маънои ҷавобгӯ ё масъул набудани Бонки миллии Швейтсария дар назди давлатро надорад. Бонки миллии Швейтсария вазифадор аст, ки бо интишори гузоришҳои муназзам, вазъияти иқтисодии кишварро ба Шӯрои федералӣ шарҳ диҳад. Бонки мазкур гузориши солонаро низ ба Маҷлиси федералӣ пешниҳод мекунад ва дар он дар бораи сиёсати пулӣ ва пешрафт дар иҷрои мақсадҳои иқтисодӣ маълумот медиҳад.

Маъмурияти Бонки миллии Швейтсария аз иҷрои ҳадафҳои иқтисодии давлат, ба мисли назорати нархҳо, таъмини муътадилии онҳо, бориши пул, интиқоли пул байни бонкҳо, таъмини пул, таъмини пардохтпазирии франки швейтсарӣ, мусоидат ва таъмини фаъолияти низоми пардохти ғайринақдӣ, идораи захираҳои асъорӣ, сармоягузории захираҳо, назорати гардиши пул ва пешбурди сиёсати пулии давлат иборат аст. Яке аз вазифаҳои асосии Бонки миллии Швейтсария интишори пулҳои коғазӣ ва сикка задани тангаҳо ба шумор меравад. Воҳиди пули Швейтсария франк аст.

Бонки миллии Швейтсария масъули ҳифзи захираҳои миллӣ ба монанди тилло, асъор ва дигар намудҳои пардохти байналмилалӣ мебошад.

Илова бар маъмурияти хос ва мақсадҳои номбаршуда, бонк масъулияти бисёр муҳим - таъмини суботи низоми молиявии Швейтсарияро низ бар ухда дорад. Тавре дар эъломияи таъсисии он низ зикр шудааст, Бонки миллии Швейтсария вазифадор аст, бо роҳҳое амал кунад, ки бо муайян намудани

нархҳо ба унвони беҳтарин равиши дастёбӣ ба мақсадҳои худ ба беҳтарин шакл дар хидмати манофеъи кишвар бошад. Он ба хотири дастёбӣ ба суботи нархҳо бо Комиссияи федералии бонкдории Швейтсария (SFBC) ҳамкорӣ мекунад.

Бонки марказии Швейтсария аз ду саридора, ки яке дар Берн ва дигаре дар Сюрих ҷойгир мебошанд, иборат аст. Идораҳои марбути бонк оид ба тақсимоти пули нақд дар Сюрих ва Женева қарор доранд ва идораҳои маҳаллӣ бошанд, дар шаҳрҳои Базел ва Санкт-Голлен ҷойгир шудаанд.

Мақоми идоракунандаи Бонки миллии Швейтсария аз Шӯрои бонк ва Шӯрои мудирон иборат аст. Шӯрои бонк аз болои фаъолияти Бонки миллии Швейтсария назорат мебарад. Муҳлати ваколати аъзои Шӯро чор солро ташкил медиҳад ва муҳлати пурраи фаъолияти онҳо набояд аз 12 сол зиёдтар бошад. Шӯрои бонкӣ аз 11 аъзо иборат буда, шаш нафари он, аз он ҷумла президент ва ноиби он аз ҷониби Шӯрои федералӣ таъин мешаванд. Панҷ узви дигари он дар ҷаласаи солонаи саҳмон интихоб мешаванд.

Вазифаи Раёсат ва мақоми иҷроияро дар Бонки миллии Швейтсария Шӯрои мудирон иҷро менамояд. Раёсат барои татбиқи сиёсати умумии пулию қарзӣ ва стратегияи идораи дороиҳои бонк масъул мебошад. Аъзои Шӯрои мудирони Бонки миллӣ, ки се нафарро ташкил медиҳанд, тавассути Шӯрои федералӣ ба муддати шаш сол таъин мешаванд ва имкон дорад, ки дар интиҳои муддати хидмати худ дубора давраи хидмати онҳо тамдид карда шавад.

Дар айни замон вазифаи раисии Шӯрои мудирони Бонки миллии Швейтсарияро, ки аз ҷониби Шӯрои федералӣ таъин карда мешавад, ҷаноби Томас Ҷордан иҷро менамояд.

Идораи амалиётии Бонки миллии Швейтсария ба се бахши дигар тақсим мешавад. Бахши якум ва бахши сеюм дар Сюрих ва бахши дуюм дар Берн воқеъ шуданд ва ҳар яке аз онҳо вазифаҳои худро доранд, азҷумла:

- бахши якум умури байналмиллалӣ, иқтисодӣ , ҳуқуқӣ, манобеи инсонӣ ва робитаҳоро ба зимма дорад;
- бахши дуюм корҳои вобаста ба хазинаи пул ва умури молӣ, назорати суботи молӣ ва амниятро ба ухда дорад;
- бахши сеюм вазифаҳои марбут ба бозори пул ва бозори асъор, мудирияти дороӣ, мудирияти хавфҳо, амалиёти молӣ ва фанноварии иттилоотиро ба зимма дорад.

## ШВЕЙТСАРИЯ – КИШВАРИ БОНКҲО

Дар ибтидо бояд бигӯем, ки низоми бонкии Швейтсария дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Воқеан ҳам, ин давлат кишвари бонкҳо ба шумор меравад, зеро ба ҳар якуним ҳазор нафар сокини он 1 бонк рост меояд. Дар қаламрави Швейтсария 140 адад филиалҳои бонкҳои бузарги хориҷӣ фаъолият менамоянд.

Бонкҳои Швейтсария аз рӯи анъана ба се гурӯҳҳои асосӣ тақсим мешаванд:

1. бузургтарин бонкҳои миллӣ (се адад);
2. бонкҳои маҳаллӣ ва амонатгузорӣ, тавассути шуъбаҳои худ бо амонатгузорони дохилӣ кор мекунад;
3. бонкҳои хусусӣ, ки маблағҳои маҷмӯии инвеститсиониро идора мекунанд.

Илова бар ин, ба низоми қарзӣ ҳамчунин Ширкатҳои молиявӣ дохил мешаванд, ки:

- амонат қабул мекунанд ва фаъолияти онҳо ҷавобгӯи талаботи қонунгузории бонкӣ мебошад;
- амонат қабул намекунанд, вале дигар амалиётҳои бонкиро иҷро менамоянд. Қонунгузории бонкӣ ба онҳо танҳо қисман дахл дорад.

Низоми бонкии Швейтсария бо назорати қатъии фаъолияти бонкҳо ва ширкатҳои инвеститсионӣ фарқ мекунад. Маҳз натиҷаи ҳамин тарзи кор аст, ки баъди ҷанги дуюми ҷаҳон дар Швейтсария ягон ҳодисаи муфлисшавии бонкҳо ба қайд

гирифта нашудааст. Назорат дар ин ҷо бо сохтори сезинагӣ: Комиссияи федералии бонкӣ – Бонки миллӣ – Ассосиатсияи бонкии Швейтсария фарқ мекунад. Иҷозатнома барои анҷом додани амалиёти бонкӣ танҳо ҳамон вақте дода мешавад, ки бонк ба тамоми талаботи қонун ҷавобгӯ бошад, дар сурати вайрон кардани талаботи он эҳтимолияти ба таври фаврӣ бозхонд кардани иҷозатнома вуҷуд дорад.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки рейтинги баланди бонкҳои ин кишвар ҳамчунин бо ҳифз шудани сирри амонатҳо аз тариқи муқаррароти қонунҳои ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда мешавад. Агар бонке, ки маълумотҳои махфии муштариёни худро эмин нигоҳ намедорад, метавонад аз иҷозатнома маҳрум гардад. Дар баробари ин, кормандоне, ки ин маълумотҳоро ифшо кардаанд, имкон дорад ба муҳлати то ним сол ба зиндон фиристода шаванд ё ба андозаи 50 ҳазор франки швейтсарӣ ҷарима баста шаванд. Маълумот дар бораи ҳисобҳои муштариён аз ҷониби мақомоти ҳукуматӣ танҳо дар ҳолате ифшо карда мешаванд, ки нисбати ин ё он муштарӣ далелҳои аниқ оид ба шарик будани он дар амалҳои ҷиноятӣ мавҷуданд. Вале тибқи қонунгузории Швейтсария саркашӣ аз пардохти андоз ё вайрон кардани талаботи танзими асъори дигар давлатҳо ба ин гуна ҷиноятҳо дохил намешавад.

Дар Швейтсария як мақоми мустақиле бо номи Кумитаи бонкӣ амал менамояд, ки на ба ҳукумат ва на ба Бонки миллӣ итоат намекунад. Кумитаи мазкур аз болои риоякунии талаботи Қонун дар бораи фаъолияти бонкӣ ва қоидаву меъёрҳои ҷорӣ



аз ҷониби бонкҳо назорат мебарад. Дар ин замина, вазифаи асосии он ҳимояи манфиатҳои саҳомон ба шумор меравад. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ кумита ба хулосаҳои аудиторони мустақиле, ки берун аз бонк қарор доранд ва ба аудиторони дохилии бонкҳо такя мекунад. Муҳимтар аз ҳама, ҳини таъин ба вазифаҳои роҳбарикунандаи бонкӣ пешниҳодоти кумита ба инобат гирифта мешаванд ва қарорҳои Кумитаи бонкӣ барои иҷро ҳатмӣ мебошанд.

## ФОИДАИ ЗИЁДА АЗ 20 МЛРД. ФРАНКИ БМШ

Вазифаи асосии фаъолияти бонки марказӣ ин амалӣ намудани сиёсати пулию қарзӣ ба шумор меравад. Бонки миллии Швейтсария ҳамчун бонки мустақил ин вазифаи муҳим ва барои ҷомеаву давлат зарурро дар сатҳи ҷавобгӯи талаботи замон иҷро менамояд.

Маҳз натиҷаи дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани кор аст, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ Бонки миллии Швейтсария ба андозаи зиёда аз 20 млрд. франки швейтсарӣ фоида ба даст овард. Қисмати зиёди фоида - 13 млрд. франк дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои бобарори трансаксионӣ бо асъори хориҷӣ ва 7,6 млрд. франк аз ҳисоби баланд шудани нархи тилло ба даст оварда шуданд. Тибқи маълумотҳои мавҷуда, дар охири моҳи июни соли ҷорӣ арзиши як килограмм тилло ба 41408 франки швейтсарӣ баробар шуда буд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нишондиҳандаи мазкурро метавон бидуни истиҳола назар ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузаштаи бонк комёбии назаррас унвон кард.

Фаъолияти муназзами Бонки миллии Швейтсария ва дастёбӣ ба ҳадафҳояш ин бонкро ба яке аз бонкҳои муътабари ҷаҳон табдил додааст. Ин аст, ки франки швейтсарӣ ба ҳайси яке аз пулҳои устувори бозори байналмилалӣ эътироф шудааст.

**Таҳияи**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**Аслам Мӯминов,**
**БТҶ**

# Низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолият

### ◙ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ

**Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД).** ММД яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ва муҳими рушди иқтисоди кишвар ба шумор рафта, дар давоми 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд. Тавре маълумотҳои расмии оморӣ шаҳодат медиҳанд, суръати пастравии ММД то охири соли 1996 идома ёфтааст. Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ пастравии сатҳи истеҳсолот азҷумла, дар соли 1992 -32,3 фоизро дар бар гирифта, охири соли 1996 ин нишондиҳанда ба -16,7 фоиз баробар шуд. Дар ин давра бо талошу кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан заҳматҳои Пешвои миллат суръати пастравии сатҳи истеҳсолот боз дошта шуд ва аз аввали соли 1997 болоравии рушди ҳақиқии ММД ба андозаи 1,7 фоиз мушоҳида гардид.

Дар муддати 10 соли охир рушди ҳақиқии ММД ба ҳисоби миёнасолона 6,8 фоизро ташкил намуд, ки ин аз қабули барномаҳои дурусти иқтисодӣ ва татбиқи амалии онҳо шаҳодат медиҳад *(Ҷадвали 1)*.

Ҷадвали 1. Тағйирёбии ММД ва сатҳи таваррум дар солҳои 1992-2015

| Солҳо | Тағйирёбии ММД | | Таваррум |
|---|---|---|---|
| | Соли 1991=100% | Сол ба сол (бо %) | (бо %) |
| 1992 | 67,7 | -32,3 | 1420,0 |
| 1993 | 56,5 | -11,2 | 7430,0 |
| 1994 | 44,5 | -12,0 | 101,1 |
| 1995 | 38,9 | -5,6 | 983,6 |
| 1996 | 32,4 | -6,5 | 40,6 |
| 1997 | 33,0 | 0,6 | 159,6 |
| 1998 | 34,7 | 1,7 | 2,7 |
| 1999 | 36,0 | 1,3 | 30,1 |
| 2000 | 39,0 | 3,0 | 60,6 |
| 2001 | 43,5 | 4,5 | 12,1 |
| 2002 | 31,6 | -11,9 | 14,7 |
| 2003 | 41,1 | 9,5 | 13,7 |
| 2004 | 29,5 | -11,6 | 5,7 |
| 2005 | 16,8 | -12,7 | 7,1 |
| 2006 | 7,0 | -9,8 | 12,5 |
| 2007 | 7,8 | 0,8 | 19,7 |
| 2008 | 7,9 | 0,1 | 11,8 |
| 2009 | 3,9 | -4,0 | 5,0 |
| 2010 | 6,5 | 2,6 | 9,8 |
| 2011 | 7,4 | 0,9 | 9,3 |
| 2012 | 7,5 | 0,1 | 6,4 |
| 2013 | 7,4 | -0,1 | 3,7 |
| 2014 | 6,7 | -0,7 | 7,4 |
| 2015 | 6,0 | -0,7 | 5,1 |

**Таваррум.** Бо ташкил ва татбиқи сиёсати дурусти пулию қарзӣ ва асъории кишвар сатҳи таваррум мунтазам ба танзим даровар-да шуда, болоравии бемайлони намояи нархҳо дар бозори дохилии кишвар пешгирӣ гардид. Мувофиқи маълумотҳои расмии оморӣ сатҳи таваррум аз андозаи 1 420,0 фоизи солона дар соли 1992 ва 7 430,0 фоизи солона дар соли 1993 то ба 5,1 фоизи солона дар соли 2015 паст карда шуд.

Маълумотҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки бо гузашти солҳо истеҳсолоти дохилӣ рушд ёфта, талаботи бозорииро то андозае таъмин намуда истодааст. Гарчанде дар давоми солҳои 2014-2015 буҳронҳои пай дар пайи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба гардиши иқтисоди дохилии кишвар бетаъсир намонда бошад ҳам, бо ташкил ва татбиқи сиёсати дурусти пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан тағйир додани самти он аз моҳҳои май-июни соли 2015 сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуд.

Қобили зикр аст, ки амалӣ намудани Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи майи соли 2015 то инҷониб ва дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани фаъо-

**Диаграммаи 1.** Тағйирёбии рушди ҳақиқии ММД ва сатҳи таваррум дар солҳои 1996-2015 (бо фоиз)



**Диаграммаи 2.** Тағйирёбии меъёри бозтамвил дар давраи солҳои 1995-2015 (бо фоиз)



**Ҷадвали 2.** Меъёри бозтамвил дар солҳои 1995-2015 (бо фоизи солона)

| Солҳо | Меъёри бозтамвил | |
|---|---|---|
| | Охири давра | Миёнасолона |
| 1995 | 250,0 | 188,4 |
| 1996 | 72,0 | 138,1 |
| 1997 | 75,7 | 72,3 |
| 1998 | 38,7 | 46,8 |
| 1999 | 14,5 | 17,0 |
| 2000 | 20,6 | 20,5 |
| 2001 | 20,0 | 20,2 |
| 2002 | 20,0 | 20,0 |
| 2003 | 15,0 | 17,7 |
| 2004 | 10,0 | 10,8 |
| 2005 | 9,0 | 9,1 |
| 2006 | 10,0 | 9,0 |
| 2007 | 13,0 | 12,9 |
| 2008 | 13,5 | 14,5 |
| 2009 | 8,0 | 9,7 |
| 2010 | 8,2 | 8,1 |
| 2011 | 9,8 | 9,1 |
| 2012 | 6,5 | 7,6 |
| 2013 | 5,5 | 6,2 |
| 2014 | 8,0 | 5,8 |
| 2015 | 8,0 | 8,0 |

лияти Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат таъсири омилҳои беруна ва ҳолатҳои ногувори (шокҳои) бозори молиявии кишвар то андозае пешгирӣ карда шуданд. Аз ҷумла, дар ин давра дар самти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии кишвар натиҷаҳои назаррас дар танзими қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ ба назар мерасад. Ҳамзамон бо такмил додани сохтори Бонки миллии Тоҷикистон самаранокии фаъолият дар низоми Бонки миллӣ таъмин гардида, натиҷаи он ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии кишвар дар давраҳои дарозмуддат таъсири мусбат хоҳад расонд *(Диаграммаи 1.)*.

## ◙ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ НИЗОМИ БОНКӢ

**Меъёри бозтамвил.** Меъёри бозтамвил яке аз фишангҳои муҳими сиёсати пулию қарзӣ ба шумор рафта, фоизи камтарини амалиёти қарзиро дар низоми бонкӣ ифода менамояд. Дар давраи солҳои аввали Истиқлолияти давлатии кишвар бо мақсади пешгирӣ намудани қарздиҳии барзиёд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, ин меъёр дар соли 1995 аз 100 фоизи солона оғоз ёфта, пай дар пай то охири сол ба 250 фоизи солона зиёд карда шуд. Бо гузашти якчанд сол, вақте ки сатҳи бештари нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ ба эътидол омад, меъёри бозтамвил тадриҷан аз аввали соли 2000 то андозаи 20,6 фоизи солона ва дар соли 2005 ба 9,0 фоизи солона паст карда шуд *(Ҷадвали 2)*.

Бори аввал дар таърихи бонкдории кишвар меъёри бозтамвил соли 2013 ба андозаи 5,5 фоизи солона паст гардид. Қайд кардан бамаврид аст, ки бо оғоз ёфтани бухронҳои молиявию иқтисодии пай дар пайи ҷаҳонӣ ин меъёр дар солҳои 2014-2015 мутаносибан ба 5,8 фоиз ва 8,0 фоизи солона боло бурда шуд *(Диаграммаи 2.)*.

**Барориши пули нақд.** Дар даврони Истиқлолияти кишвар ду маротиба ислоҳоти пулӣ гузаронида шуд, ки давраи охирини ислоҳоти пулии гузаронидашуда ба 30 октябри соли 2000-ум рост меояд. Қобили зикр аст, ки анҷоми ҷанги дохилӣ ва барқарор шудани сулҳу оромӣ дар соли 2000-ум вазъияти сиёсии кишвар беҳтар шуда, барои дар амал татбиқ намудани барномаҳо доир ба ислоҳоти иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам омад.

Ҳадафи асосии ин барномаҳо дар заминаи такя ба бахши хусусӣ ва механизмҳои бозорӣ таъмини рушди иқтисодиёт ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон ҳадафи асосии татбиқи амалии барномаҳои мазкур устувор намудани вазъи макроиқтисодии ҷумҳурӣ махсуб меёфт, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва назорат карда мешуд. Барномаҳои зикргардида барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мазкур, аз қабили: боздоштани

пастравии сатҳи истеҳсолот дар кишвар, ғайридавлатӣ кардани муассисаҳои хурду миёнаи давлатӣ, рушди бозори молиявӣ ва тақвият ёфтани он, такмили механизмҳои фаъолияти мунтазами бозори молиявӣ дар кишвар, таҳкими қобилияти харидории пули миллӣ ва инкишоф додани фаъолияти иқтисоди берунии кишвар, равона шуда буданд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ аз рӯзи аввали бароriши пули миллӣ то охири соли 2015 дар муомилот маблағи умумии 5,3 млрд. сомонӣ пули нақд дар гардиш қарор дошт, ки аз он 5,2 млрд. сомониро пулҳои коғазӣ ва 0,1 млрд. сомониро тангаҳои филизӣ ташкил медиҳанд.

Агар ба маълумоти таърихӣ назар афканем, соли 2006 ба муомилот маблағи 484,3 млн. сомонӣ пули нақд бароварда шуд, ки аз он 478,8 млн. сомонӣ пулҳои коғазӣ ва 5,5 млн. тангаҳои филизӣ мебошанд.

Бо афзоиши суръати гардиши иқтисодиёт талабот ба пули нақд низ мунтазам зиёд шудан гирифт. Бинобар ин, дар охири соли 2015 маблағи пули нақди ба муомилот баровардаи Бонки миллии Тоҷикистон 2 086,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки аз он 2 085,3 млн. сомонӣ пулҳои коғазӣ ва 1,3 млн. сомонӣ тангаҳои филизӣ мебошанд. Барориши пули нақд ба муомилот дар охири соли 2015 нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 4,3 маротиба афзуд. Ин афзоиш аз баланд шудани суръати гардиши иқтисоди кишвар шаҳодат дода, талаботи бозориро инъикос менамояд *(Ҷадвали 3.)*.

**Ҷадвали 3.** Барориши пули нақди коғазӣ ва тангаҳои филизӣ ба муомилот дар давраи солҳои 2006-2015 (млн. сомонӣ)

| | Нишондиҳандаҳои пулӣ | с. 2006 | с. 2007 | с. 2008 | с. 2009 | с. 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамагӣ: барориш | 484,3 | 629,8 | 743,7 | 825,6 | 832,4 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | - пулҳои коғазӣ | 478,8 | 626,4 | 740,4 | 823,8 | 830,1 |
| | - тангаҳои филизӣ | 5,5 | 3,4 | 3,3 | 1,8 | 2,3 |
| 2. | Ҳамагӣ: гирифта шуд | 244,8 | 376,0 | 362,1 | 385,4 | 439,1 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | - пулҳои коршоям | 75,5 | 129,8 | 51,3 | 75,0 | 107,5 |
| | - пулҳои фарсуда | 168,8 | 245,7 | 310,6 | 309,8 | 331,2 |
| | - тангаҳои филизӣ | 0,5 | 0,5 | 0,2 | 0,6 | 0,4 |
| | **Нишондиҳандаҳои пулӣ** | **с. 2011** | **с. 2012** | **с. 2013** | **с. 2014** | **с. 2015** |
| 1. | Ҳамагӣ: барориш | 1 213,3 | 1 406,5 | 2 028,8 | 2 428,0 | 2 086,6 |
| | аз ҷумла: | | | | | |
| | - пулҳои коғазӣ | 1 211,0 | 1 403,3 | 2 025,6 | 2 425,6 | 2 085,3 |
| | - тангаҳои филизӣ | 2,3 | 3,2 | 3,2 | 2,4 | 1,3 |
| 2. | Ҳамагӣ: гирифта шуд | 611,4 | 758,3 | 1 202,0 | 2 143,4 | 1 588,3 |
| | аз ҷумла: | | | | | |
| | - пулҳои коршоям | 145,8 | 185,7 | 351,3 | 848,3 | 541,2 |
| | - пулҳои фарсуда | 465,1 | 572,4 | 850,5 | 1 294,7 | 1 046,3 |
| | - тангаҳои филизӣ | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,8 |

**Ҷадвали 4.** Маблағ ва меъёри захираҳои ҳатмӣ дар солҳои 2006-2015 (млн. сомонӣ/бо фоиз)

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
| Маблағи умумии захираҳои ҳатмӣ | 79,5 | 140,0 | 160,1 | 181,4 | 234,8 | 337,7 | 297,0 | 331,8 | 417,1 | 499,8 |
| аз ҷумла: бо пули миллӣ | 49,1 | 73,1 | 89,5 | 93,4 | 127,6 | 180,8 | 151,4 | 176,1 | 230,8 | 193,9 |
| бо асъори хориҷӣ | 30,4 | 66,9 | 70,5 | 88,0 | 107,2 | 156,9 | 145,6 | 155,7 | 186,3 | 305,9 |
| Меъёри захираҳои ҳатмӣ ба ҳисоби миёна (бо фоиз) | 12,0 | 12,0 | 10,0 | 8,0 | 8,0 | 8,0 | 6,0 | 6,0 | 6,0 | 4,25 |
| аз ҷумла: бо пули миллӣ | 12,0 | 12,0 | 9,0 | 7,0 | 7,0 | 7,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 1,5 |
| бо асъори хориҷӣ | 12,0 | 12,0 | 11,0 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 7,0 | 7,0 | 7,0 | 7,0 |

## ◙ ЗАХИРАҲОИ ҲАТМӢ

Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷумлаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби дигар ҳамчун заминаи ҳимоявӣ барои ҳимояи манфиатҳои пасандоздорону амонатдорон дар ташкилотҳои қарзии кишвар баромад мекунад. Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии кишвар меъёри захираҳои ҳатмӣ баланд буд ва мувофиқ ба талаботи ҳамон давра муайян мегардид. Бо беҳтар шудани вазъи иқтисодиёти кишвар ва ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзӣ ин меъёр мунтазам паст карда шуд. Агар ба маълумоти чанд соли пеш назар андозем, соли 2006 ин меъёр 12,0 фоизро ташкил медод. Бо амалӣ гардидани Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии танзимку-

нандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ меъёри мазкур ба ҳисоби миёна ба 4,25 фоиз, аз ҷумла захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ 1,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 7,0 муқаррар карда шуд. Паст кардани меъёри мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзии кишвар шароит фароҳам овард, ки маблағҳои озоди ҷалбнамудаи худро бештар барои қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисоди кишвар равона созанд *(Ҷадвали 4)*.

**Бозори коғазҳои қиматнок.** Фаъолияти бозори аввалияи коғазҳои қиманок дар кишвар соли 1998 оғоз гардид. Механизми барориш, муомилот ва пардохти векселҳои давлатии хазинадорӣ дар Низомномаи махсус, ки бо ин мақсад таҳия гашта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 сентябри соли 1998, №358 тасдиқ шуда буд, муайян гардид. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун эмитент баромад намуда, барои маблағгузории касри буҷети давлатӣ маблағҳои пулии озодро ҷалб менамуд. Хизматрасонии музоядаҳо, нигоҳдории сабти соҳибияти векселҳои давлатии хазинадорӣ ва анҷом додани ҳисоббаробариҳоро Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Ба муомилот баровардани векселҳои давлатии хазинадорӣ дар оғози фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок нақши калон бозида, барои гузаронидани амалиёт бо дороиҳои худ ва диверсификатсия кардани онҳо ба ташкилотҳои қарзии кишвар шароити мусоид фароҳам овард *(Ҷадвали 5)*.

**Ҷадвали 5.** Ҳаҷми барориш ва фурӯши векселҳои давлатии хазинадорӣ ва вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 1998-2015 (млн. сомонӣ)

| Сол | Намуди коғазҳои қиматнок | Шумораи музоядаҳои баргузоргардида | Ҳаҷми фурӯш (млн. сом.) | Даромаднокии миёнавазни солона ( %) |
|---|---|---|---|---|
| 2002 | Вомҳои БМТ | 93 | 82,2 | 17,5 |
| | ВДХ Вазорати молия | 0 | 0 | 0 |
| 2003 | Вомҳои БМТ | 115 | 173,6 | 14,5 |
| | ВДХ Вазорати молия | 0 | 0 | 0 |
| 2004 | Вомҳои БМТ | 81 | 84,2 | 5,7 |
| | ВДХ Вазорати молия | 0 | 0 | 0 |
| 2005 | Вомҳои БМТ | 102 | 134,8 | 6,5 |
| | ВДХ Вазорати молия | 0 | 0 | 0 |
| 2006 | Вомҳои БМТ | 93 | 121,5 | 7,27 |
| | ВДХ Вазорати молия | 0 | 0 | 0 |
| 2007 | Вомҳои БМТ | 64 | 70,4 | 7,49 |
| | ВДХ Вазорати молия | 0 | 0 | 0 |
| 2008 | Вомҳои БМТ | 63 | 239 | 12,3 |
| | ВДХ Вазорати молия | 0 | 0 | 0 |
| 2009 | Вомҳои БМТ | 41 | 170 | 6,49 |
| | ВДХ Вазорати молия | 1 | 10 | 7 |
| 2010 | Вомҳои БМТ | 37 | 159,3 | 6,51 |
| | ВДХ Вазорати молия | 11 | 52,7 | 6,76 |
| 2011 | Коғазҳои қиматноки БМТ | 123 | 324,1 | 8,93 |
| | ВДХ Вазорати молия | 8 | 72,9 | 7,16 |
| 2012 | Коғазҳои қиматноки БМТ | 132 | 1 581,5 | 3,21 |
| | ВДХ Вазорати молия | 5 | 76,1 | 3,8 |
| 2013 | Коғазҳои қиматноки БМТ | 165 | 863,8 | 2,9 |
| | ВДХ Вазорати молия | 5 | 124,7 | 1 |
| 2014 | Коғазҳои қиматноки БМТ | 143 | 968,3 | 3,22 |
| | ВДХ Вазорати молия | 5 | 154,8 | 0,4 |
| 2015 | Коғазҳои қиматноки БМТ | 83 | 1 805,2 | 4,34 |
| | ВДХ Вазорати молия | 5 | 199,6 | 0,71 |

Бо мақсади татбиқи амалии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тақвият бахшидани фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок аз оғози соли 2001 сар карда, барориши вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Дар даврони Истиқлолият Бонки миллии Тоҷикистон тавонист бо воситаи барориши вомҳои худ маблағи заруриро аз муомилот ҷалб намуда, идораи кӯтоҳмуддати пешниҳоди пулро таъмин намояд. Вомҳои мазкур ба муҳлати кӯтоҳ ба муомилот бароварда шуда, давомнокии онҳо 14 рӯз, 28 рӯз ва 56 рӯзро дар бар мегиранд. Фоизи даромаднокии миёнавазни ин гуна коғазҳо дар давраҳои аввали фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок аз сабаби зиёд будани талаботи буҷети ҷумҳурӣ ба маблағҳои озод хеле баланд мушоҳида мегардид. Хусусан, дар солҳои 1998 то 2005 ба ҳисоби миёнасолона ин фоиз ба ҳисоби миёна дар 8-соли ав-

**Ҷадвали 6.** Қурби расмии рубли тоҷикӣ нисбат ба долл. ИМА дар солҳои 1995-2000 (1 долл. ИМА бо рубли тоҷикӣ ва бо сомонӣ)

| Солҳо | Қурб | Тағйирёбӣ Нисбат ба соли гузашта,% | Тағйирёбии мутлақ нисбат ба соли гузашта, сомонӣ |
|---|---|---|---|
| 1995 | 138,0 | 100% | - |
| 1996 | 293,0 | 2,1 мар. | +155,0 |
| 1997 | 562,0 | 1,9 мар. | +269,0 |
| 1998 | 778,0 | 1,4 мар. | +216,0 |
| 1999 | 1 237,3 | 1,6 мар. | +459,3 |
| 2000 | 1,8307 | 1,5 мар. | +593,4 |
| 2001 | 2,3722 | 29,6 | +0,5415 |
| 2002 | 2,7638 | 16,5 | +0,3916 |
| 2003 | 3,0614 | 10,8 | +0,2976 |
| 2004 | 2,9705 | -3,0 | -0,0909 |
| 2005 | 3,1166 | 4,9 | +0,1461 |
| 2006 | 3,2984 | 5,8 | +0,1818 |
| 2007 | 3,4425 | 4,4 | +0,1441 |
| 2008 | 3,4289 | -0,4 | +0,0064 |
| 2009 | 4,1427 | 20,3 | +0,7138 |
| 2010 | 4,3790 | 5,7 | +0,2363 |
| 2011 | 4,6102 | 5,3 | +0,2312 |
| 2012 | 4,7627 | 3,3 | +0,1525 |
| 2013 | 4,7735 | 0,2 | +0,0108 |
| 2014 | 5,9348 | 24,3 | +1,1613 |
| 2015 | 6,8558 | 15,5 | +0,9210 |

**Диаграммаи 3.** Даромаднокии миёнасолонаи векселҳои давлатии хазинадорӣ ва вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1998-2015 (бо фоиз)




вал андозаи 68,5 фоизи солонаро ташкил медод.

Қобили қайд аст, ки бо барориши вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва тақвият ёфтани фаъолияти соҳаҳои иқтисоди кишвар, инчунин беҳтар гардидани гардиши пул дар иқтисодиёти мамлакат даромаднокии миёнасолонаи коғазҳои қиматнок, аз ҷумла вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2002-2015 ба ҳисоби миёнасолона ба 7,63 фоизи солона баробар шуд. Даромаднокии миёнасолонаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар ин давра 3,83 фоизи солонаро ташкил намуданд *(Диаграммаи 3)*.

**Қурби асъор.** Сиёсати асъор яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи сиёсати пулию қарзии мамлакат ба ҳисоб меравад. Аз давраи ба муомилот баровардани пули миллӣ (рубли тоҷикӣ, 10 майи соли 1995) тартиби амалиётҳо дар бозори асъори хориҷӣ тадриҷан вусъат ёфта, бо мақсади истифодаи пурраи фишангҳои бозорӣ бахри таъмини татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ мунтазам ҳаҷми амалиётҳо дар ин бозор афзун гардонида шуд. Дар заминаи биржаи фурӯши асъори хориҷӣ аз оғози соли 2000 ин механизм васеътар шуда, бозори байнибонкии асъор ташкил дода шуд, ки дар низоми бонкдории мамлакат қадами хеле муҳим ба ҳисоб мерафт.

Бонки миллии Тоҷикистон тайи ин солҳо реҷаи танзимшавандаи шинокунандаи қурби мубодилавиро истифода бурда, аз мудохила ба бозори асъор ба истисноӣ ҳолатҳои тағйирёбии зиёд, худдорӣ намуд.

Ҷиҳати фаъолияти озоди ташкилотҳои қарзӣ дар амалиётҳои бозори байнибонкии фурӯши асъори хориҷӣ дар давраҳои гуногуни таърихии бонкдории кишвар реҷаи (режими) "шино-

кунанда" интихоб шуда буд. Яке аз сабабҳои асосии интихоби чунин реҷа ба мавқеи иқтисоди хориҷии кишвар, ки он бо касри бақияи тавозуни савдо ифода меёфт вобаста буд ва қурби пули миллӣ нисбат ба долл. ИМА дар тӯли солҳои 1995-2014 мунтазам тамоюли пастравиро касб кард. Реҷаи амалкунандаи мазкур муайян намудани қурбро танҳо дар асоси талабот ва пешниҳоди бозор амалӣ намуда, дахолати мақомоти танзими пулию қарзиро, ба таври истисно, дар ҳолатҳои тағйирёбии ҷиддии қурб пешбинӣ мекард (Ҷадвали 6).

Бо тағйир додани самти сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи май-июни соли 2015 сар карда, фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор таҳти назорати қатъӣ гирифта шуданд ва нуқтаҳои мубодилаи асъори ба ташкилотҳои қарзӣ тааллуқдошта ва берун аз қароргоҳҳои онҳо ҷойгирбуда, то охири соли 2015 баста шуданд.

Дар ин давра нобобаста аз таъсири омилҳои берунӣ, дохилӣ ва мавсимӣ суръати пастравии қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ дар охири соли 2015 ва аввалҳои соли 2016 пешгирӣ карда шуд *(Диаграммаи 4)*.

**Тавозуни пардохт.** Тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти мамлакат бо бақияи манфӣ ҷамъбаст гардида, дар ин замина ноустувории ҳисоби амалиёти ҷорӣ мушоҳида мегардад.

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ касри тавозуни савдо сол

**Диаграммаи 4.** Тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбати доллари ИМА дар солҳои 1995-2015 (бо фоиз)




**аз 10 майи соли 1995 то 30 октябри соли 2000 рубли тоҷикӣ нисбат ба долл. ИМА;*
*** аз 30 октябри соли 2000 то ин ҷониб сомонӣ нисбат ба долл. ИМА.*

**Ҷадвали 7.** Тавозуни савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000 – 2015, (млн. долл. ИМА)

| Солҳо | Содирот (ФОБ) | Воридот (ФОБ) | Тавозуни савдо |
|---|---|---|---|
| 2000 | 838,9 | 920,5 | -81,6 |
| 2001 | 651,7 | 765,7 | -114,0 |
| 2002 | 699,1 | 822,9 | -123,8 |
| 2003 | 906,2 | 1025,7 | -119,5 |
| 2004 | 1096,9 | 1232,8 | -135,9 |
| 2005 | 1108,1 | 1430,4 | -322,3 |
| 2006 | 1 455,4 | 2 130,0 | -674,6 |
| 2007 | 1 556,9 | 3 115,0 | -1 558,1 |
| 2008 | 1 504,9 | 3 629,0 | -2 124,1 |
| 2009 | 1 038,5 | 2 770,4 | -1 732,8 |
| 2010 | 1 195,3 | 2 657,8 | -1 462,5 |
| 2011 | 1 257,3 | 3 206,0 | -1 948,7 |
| 2012 | 1 359,4 | 3 778,4 | -2 418,8 |
| 2013 | 943,4 | 4 045,4 | -3 102,0 |
| 2014 | 977,3 | 4 297,4 | -3 320,1 |
| 2015 | 876,9 | 3 435,3 | -2 558,4 |

**Диаграммаи 5.** Ҳаҷми содирот ва воридот дар солҳои 2000-2015 (млн. долл. ИМА)



**Ҷадвали 8.** Сохтори низоми бонкӣ дар солҳои 1992-2015

| Сол | Ҳамагӣ (адад) | Бонкҳо (адад) | Ташкилотҳои маблағгузории хурд (адад) |
|---|---|---|---|
| 1992 | 10 | 8 | 2 |
| 1993 | 15 | 13 | 2 |
| 1994 | 18 | 16 | 2 |
| 1995 | 22 | 19 | 3 |
| 1996 | 23 | 20 | 3 |
| 1997 | 28 | 25 | 3 |
| 1998 | 20 | 18 | 2 |
| 1999 | 19 | 17 | 2 |
| 2000 | 17 | 14 | 3 |
| 2001 | 17 | 13 | 2 |
| 2002 | 17 | 12 | 3 |
| 2003 | 19 | 13 | 4 |
| 2004 | 24 | 10 | 12 |
| 2005 | 44 | 10 | 35 |
| 2006 | 75 | 10 | 65 |
| 2007 | 89 | 11 | 78 |
| 2008 | 112 | 12 | 100 |
| 2009 | 136 | 13 | 123 |
| 2010 | 138 | 14 | 124 |
| 2011 | 137 | 15 | 122 |
| 2012 | 141 | 16 | 125 |
| 2013 | 136 | 16 | 120 |
| 2014 | 137 | 17 | 120 |
| 2015 | 123 | 17 | 106 |

**Ҷадвали 9.** Сохтори тавозуни ҷамъбастии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 1997-2015 (млн. сомонӣ, охири давра)

| Сол | Дороиҳо | Нисбат ба ММД (бо%) | Уҳдадориҳо | Сармоя | Нисбат ба ММД (бо%) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1997 | 43,0 | 8,3 | 37,0 | 6,0 | 1,2 |
| 1998 | 103,0 | 10,0 | 91,0 | 12,0 | 1,2 |
| 1999 | 164,0 | 12,2 | 150,0 | 14,0 | 1,0 |
| 2000 | 311,0 | 17,2 | 273,0 | 38,0 | 2,1 |
| 2001 | 467,0 | 18,5 | 414,0 | 54,0 | 2,1 |
| 2002 | 594,0 | 17,7 | 506,0 | 89,0 | 2,6 |
| 2003 | 748,0 | 15,7 | 615,0 | 132,0 | 2,8 |
| 2004 | 1 221,0 | 19,8 | 1 055,0 | 167,0 | 2,7 |
| 2005 | 1 602,0 | 22,2 | 1 325,0 | 277,0 | 3,2 |
| 2006 | 2 394,0 | 25,8 | 2 013,0 | 381,0 | 4,2 |
| 2007 | 5 665,0 | 44,3 | 5 005,0 | 660,0 | 5,2 |
| 2008 | 6 169,0 | 35,0 | 5 082,0 | 1 087,0 | 6,2 |
| 2009 | 4 956,0 | 24,0 | 3 368,0 | 1 088,0 | 3,4 |
| 2010 | 6 241,0 | 25,5 | 5 061,0 | 1 180,0 | 4,3 |
| 2011 | 9 056,0 | 30,1 | 7 178,0 | 1 878,0 | 6,2 |
| 2012 | 10 528,0 | 29,1 | 8 231,0 | 2 297,0 | 6,3 |
| 2013 | 12 653,0 | 31,2 | 10 063,0 | 2 590,0 | 6,4 |
| 2014 | 14 854,0 | 32,6 | 12 508,0 | 2 346,0 | 5,1 |
| 2015 | 18 639,0 | 38,5 | 16 222,0 | 2 417,0 | 5,0 |

аз сол афзоиш ёфта, асосан ба зиёд будани ҳаҷми воридот нисбат ба ҳаҷми содирот вобаста мебошад. *(Ҷадвали 7)*

Мувофиқи маълумоти номбурда дар солҳои Истиқлолияти кишвар бинобар сабаби рӯз то рӯз зиёд шудани талаботи бозор ҳаҷми воридоти мол ба кишвар афзоиш ёфта, ҳаҷми содирот дар солҳои охир бо иллати паст шудани нархи ҷаҳонӣ ба молҳои содиротии кишвар, аз ҷумла нахи пахта ва алюминий коҳиш ёфт. Дар робита ба ин, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои рушди соҳавӣ омода шудаанд, ки барои ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, хусусан истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда равона гардидааст. Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии кишвар низ мунтазам барои дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ маблағҳои озодро равона карда истодааст, ки дарояндаи наздик ба сатҳи истеҳсолоти дохилии кишвар таъсири мусбат мерасонад. Ҳаҷми воридот ба мамлакат ва ҳаҷми содирот аз мамлакат дар давраи солҳои 2000-2015 чунин тасвир меёбад *(Диаграммаи 5)*.

**Низоми бонкӣ.** Сохтори низоми бонкиро дар давраи солҳои 1992-2015 метавонем ба таври зерин шарҳ диҳем. Дар давоми 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои муайян ва чорабиниҳои гуногун амалӣ карда шуданд, ки мақсади асосии онҳо, пеш аз ҳама муҳайё сохтани шароити мусоид барои фаъолияти озод, шаффоф ва рақобатноки

бонкҳо ба шумор меравад.

Дар ин давра таркиби сохтори низоми бонкии мамлакат такмил ёфта, бонкҳои гуногуншакл ва ташкилотҳои маблағгузории хурд бо сармояи гуногун фаъолияти пурсамарро анҷом доданд.

Гузариш аз шакли ягонаи бонкдорӣ, ки дар кишвар аз собиқ Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун мерос омада буд, дар солҳои аввали Истиқлолияти кишвар барои ташаккули низоми бонкии мамлакат як қатор мушкилотро ба миён овард. Вале бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хусусан тавсияҳои додашуда, дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ низоми бонкии кишвар таҷдид карда шуд ва сохтори мустақили бонкдорӣ дар кишвар ба фаъолият шурӯъ намуд. Ҳамзамон барномаҳои давлатӣ ҷиҳати рушди иқтисодии кишвар қабул гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти босамари низоми бонкии кишвар шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар ин замина низоми бонкии мамлакат ташкил карда шуд ва сохтори амалкунандаи он дар замони Истиқлолият ба таври зерин тасвир ёфтааст *(Ҷадвали 8)*.

**Нишондиҳандаҳои тавозунии ташкилотҳои қарзӣ.** Дар давоми 25 соли Истиқлолият ҳолати тавозуни ташкилотҳои қарзӣ мунтазам беҳтар гардида, нишондиҳандаҳои асосии тавозунии онҳо, хусусан сатҳи дороиҳо ва сармоя аз ҳисоби маблағгузории дохилӣ ва хориҷӣ афзоиш ёфта истодааст. Дороиҳои низоми бонкӣ дар соли 1997 ҳамагӣ маблағи 43 млн. сомонӣ ва нисбат ба ММД 8,3 фоизро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар охири соли 2015 ба 18,6 млрд. сомонӣ баробар шуда, 38,5 фоизи ММД-ро ташкил дод. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур аз беҳтар шудани ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзии кишвар шаҳодат медиҳад.

Ҳаҷми сармояи ташкилотҳои қарзӣ дар соли 1997 ҳамагӣ ба маблағи 6,0 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ММД 1,2 фоизро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар охири соли 2015 маблағи 2,4 млрд. сомониро ташкил намуда, ба 5,0 фоизи ММД баробар шуд.

Уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар соли 1997 маблағи 37,0 млн. сомониро ташкил намуда буд. Нишондиҳандаи мазкур дар охири соли 2015 ба 16,2 млрд. сомонӣ баробар гардид *(Ҷадвали 9)*.

**Пасандоз ва амонатҳо.** Дар ин давра дар низоми бонкии кишвар ҳаҷми пасандозу амонатҳо мунтазам афзоиш ёфт. Дар ибтидои фаъолияти низоми бонкии кишвар ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо дар ташкилотҳои қарзӣ саҳми назаррас надошт. Масалан, дар соли 2001 ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо дар низоми бонкии кишвар ҳамагӣ маблағи 102,3 млн. сомонӣ, ё ҳамагӣ 4,0 фоизи ММД-ро ташкил медод. Дар натиҷаи пешбурди сиёсати дурусти иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон фаъолияти босамари ташкилотҳои қарзӣ дар охири соли 2015 маблағи пасандоз (амонат)-ҳо дар низоми бонкии кишвар ба 8,2 млрд. сомонӣ баробар шуд. Дар ин давра ин нишондиҳанда нисбат ба ММД ба андозаи 16,9 фоиз баробар шуд. Афзоиши мазкур баланд шудани эътимоди аҳолиро ба низоми бонкии кишвар нишон медиҳад *(Ҷадвали 10)*.

**Ҷадвали 10.** Бақияи пасандоз (амонат)-ҳо дар давраи солҳои 1995-2015 (млн. сомонӣ)

| Сол | Бақияи пасандозҳо (млн. сомонӣ) | Аз ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Бо сомонӣ | Бо асъори хориҷӣ |
| 2001 | 102,3 | 91,9 | 10,3 | 50,0 | 52,1 |
| 2002 | 147,4 | 129,1 | 18,3 | 73,6 | 73,8 |
| 2003 | 242,5 | 166,7 | 75,8 | 117,7 | 124,7 |
| 2004 | 291,6 | 183,0 | 108,6 | 124,8 | 166,8 |
| 2005 | 539,1 | 381,4 | 157,7 | 183,6 | 355,5 |
| 2006 | 1 108,1 | 827,9 | 281,1 | 273,1 | 835,9 |
| 2007 | 2 397,5 | 1 830,1 | 570,6 | 518,7 | 1 882,0 |
| 2008 | 1 923,3 | 1 197,8 | 725,6 | 703,7 | 1 219,7 |
| 2009 | 2 614,3 | 1 531,5 | 1 109,2 | 963,7 | 1 677,1 |
| 2010 | 3 221,8 | 1 770,9 | 1 498,7 | 1 380,3 | 1 889,3 |
| 2011 | 4 354,0 | 2 125,2 | 2 298,2 | 1 625,7 | 2 797,7 |
| 2012 | 4 816,9 | 1 989,9 | 2 937,3 | 1 610,6 | 3 316,6 |
| 2013 | 5 296,1 | 1 861,5 | 3 660,1 | 1 747,9 | 3 773,7 |
| 2014 | 6 446,4 | 2 437,3 | 4 253,3 | 2 308,4 | 4 382,1 |
| 2015 | 8 167,2 | 3 055,6 | 5 111,6 | 2 503,0 | 5 664,2 |

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳои шахсони воқеӣ дар таркиби бақияи умумии

**Диаграммаи 6.** Гурӯҳбандии таркиби ҳаҷми бақияи пасандоз (амонат)-ҳо дар давраи солҳои 2001-2015 (млн. сомонӣ)




пасандоз (амонат)-ҳо сол то сол афзоиш ёфта истодааст. Ин нишондиҳанда, агар дар соли 2001 ҳамагӣ 10,3 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас дар охири соли 2015 ба 5,1 млрд. сомонӣ баробар шуда, 469,3 маротиба афзоиш ёфт, ки ин шаҳодати зиёд шудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар мебошад.

Дар охири соли 2015 дар таркиби бақияи пасандоз (амонат)-ҳо ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо бо сомонӣ 30,6 фоиз ва ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо бо асъори хориҷӣ ба 69,4 фоиз баробар буданд. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки то ҳол аҳолии кишвар ба асъори хориҷӣ майли бештар дорад ва аз таъсири бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ дороиҳои худро бо ин роҳ мехоҳад муҳофизат намояд. Яке аз сабабҳои дигари зиёд будани ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо бо асъори хориҷӣ дар он аст, ки то моҳи майи соли 2015 дар муомилот асъорҳои гуногуни хориҷӣ ба таври озод гардиш мекарданд ва моддаи 64-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" дар амал пурра татбиқи худро наёфта буд. Аз ин лиҳоз қобилияти харидории пули миллӣ нисбатан мунтазам коҳиш меёфт.

Бо амалӣ кардани нишондодҳои Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии кишвар, ҳамзамон ташкили гурӯҳҳои корӣ ва фаъолияти мунтазами онҳо дар байни аҳолӣ муқаррароти моддаи 64-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", яъне: "Пули миллии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон баровардашуда ва дар гардиш қарордошта воситаи ягона ва истисноии пардохти ҳар гуна ухдадориҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо буда, қабули он бо арзиши номиналиаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тамоми пардохтҳои пулӣ ҳатмӣ мебошад", амалӣ гашта истодааст. Ҳамзамон ворид намудани тағйирот дар Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ дар қаламрави кишвар дар амалӣ намудани моддаи 64-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" таъсири мусбат расонд, ки дар оянда эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ афзоиш ёфта, ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо бо пули миллӣ дар низоми бонкии кишвар меафзояд *(Диаграммаи 6)*.

**Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт.** Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки бонкҳои тиҷоратӣ хеле заиф буданд ва Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми охирини маблағгузор муайян гардида буд, маблағгузориҳоро ба соҳаҳои иқтисоди кишвар равона мекард. Бо ин восита тавонист дар замони Истиқлолият як муддати муайян талаботи иқтисоди кишварро бо воситаҳои пулӣ таъмин намояд. Бояд зикр намуд, ки иқтисодиёти кишвар баъди паси сар намудани бӯҳронҳои шадиди сиёсию иҷтимоӣ, хусусан баъди паси сар шудани ҷанги шаҳрвандӣ ба маблағҳои озоди қарзӣ талаботи калон дошт ва ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ аз ҷониби низоми бонкӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо суръати баланд афзоиш меёфт ва то як дараҷа ин талаботро Бонки миллии Тоҷикистон низ қонеъ мегардонид.

*(Идома дорад)*

**Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандони БМТ**

*Успех немецкого стартапа Raisin*



# Немецкая сберегательная платформа набирает поклонников по всей Европе

Общая сумма депозитов на балансе немецкого стартапа Raisin достигла €1,7 млрд. А количество вкладчиков в европейских странах превысило 50 тыс. человек, говорится в публикации Оскара Уильямса-Грата на портале Business Insider. Росту популярности сберегательной платформы, помимо простоты в обращении, сильно способствуют инновационная бизнес-модель и сравнительно высокие проценты. Большинство банков в основных странах Европы не в состоянии предложить вкладчикам ничего похожего.

На первый взгляд €1,7 млрд вроде бы капля в море, если сравнивать с лидерами финансового рынка. Однако, как свидетельствует Business Insider, еще в апреле в депозитном портфеле Raisin был всего миллиард. Сильно уступая в абсолютных цифрах, немецкий стартап опережает традиционные банки динамикой роста. Причем прироста удалось добиться не только за счет новых клиентов, но и благодаря вкладчикам со стажем, нарастившим свои депозиты. Бизнес Raisin растет настолько быстро, что за ним не поспевает обновление статистики на корпоративном сайте. Там пока говорится только о 45 тыс. клиентов.

> То, что делаем мы,— продолжает она,— позволяет потребителям пользоваться предложениями банков, минуя государственные границы.

Фирма была основана в 2013 году и базируется в Берлине. Первоначально она называлась WeltSparen и создавалась в расчете главным образом на граждан ФРГ. Немцы и сейчас составляют основную часть клиентуры. Однако в последнее время к ним все охотнее присоединяются жители других европейских государств. Прежде всего, их привлекают высокие проценты, которые заметно превосходят микроскопические ставки в традиционном банковском секторе большинства европейских государств.

Молодая финансовая компания не держит деньги клиентов у себя, не раздает кредитов и уже тем более не вкладывает чужие сбережения в ценные бумаги. Она заводит на каждого вкладчика персональный счет и открывает корреспондентские счета в банках-партнерах из «периферийных» стран единой Европы. В тех, где проценты существенно выше. В числе наиболее привлекательных адресов — кредитные учреждения Болгарии, Португалии, Хорватии. Однако для диверсификации вложений часть средств может размещаться, в частности, в немецких и шведских банках, готовых предложить наиболее выгодные условия.

Business Insider широко цитирует Катарину Лют, директора европейских операций. По ее словам, Raisin использует ситуацию, которая сложилась в банковской сфере единой Европы. По идее, финансовый рынок давно интегрирован. Но если отследить маршруты денежных потоков и, в частности, сберегательных продуктов, которые остаются наиболее важными для 80% европейцев, то стоит говорить о сильно локализованных рынках.

> Компания заводит на каждого вкладчика персональный счет и открывает корреспондентские счета в банках-партнерах из «периферийных» стран единой Европы.

На практике это означает, что потребители не могут извлечь выгоду из разницы банковских ставок в различных государствах. «Если бы я захотела открыть сберегательный счет, к примеру, в Польше, то это оказалось бы весьма проблематично»,— сказала Лют в интервью для Business Insider.

Однажды открыв депозит в Raisin, клиент приобретает доступ к сберегательным продуктам всего ЕС. К тому же он получит возможность переходить из банка в банк, в зависимости от ситуации. По сути, такие депозиты становятся не просто сберегательными вкладами, а инвестициями, которые обеспечивают неплохой доход. По европейским меркам, естественно. Клиенты Raisin могут выбирать из 80 с лишним предложений от банков, говорится на сайте компании.

*К платформе присоединились 20 европейских банков*

Услуги стартапа пока доступны на трех языках: немецком, английском и французском. Возможно, однажды он станет настоящим полиглотом. К платформе уже присоединились 20 европейских банков. На днях список партнеров пополнился португальским Haitong, местным подразделением китайского банка Haitong Securities. Как объясняет Катарина Лют, традиционные кредитные учреждения тоже заинтересованы в диверсификации. В данном случае — источников фондирования. Особенно это актуально для банков, которые сами ведут операции на довольно ограниченном рыночном пространстве. Кроме того, Raisin берет на себя основную долю процессинга, что также становится жирным плюсом в глазах европейских банкиров.

Для финансирования своей деятельности на этапе расширения операций немецкий стартап в августе прошлого года сумел привлечь €20 млн. Основными инвесторами стали две известные венчурные фирмы: американская Ribbit Capital из Кремниевой долины и лондонская Index Ventures, пишет Business Insider.

**По метериалам Интернета**




Гонка руководства за количественными показателями любой ценой и ответная инициатива изобретательных сотрудников обошлись Wells Fargo в $185 млн

# Wells Fargo уволил тысячи сотрудников за проявленную инициативу

**Массовыми увольнениями и огромным штрафом закончился скандал в самом большом по рыночной капитализации банке США. Wells Fargo подвела система поощрений. Оценка эффективности сотрудников, их премии и повышение зарплаты зависели от вновь выпущенных кредитных карт. Подводя итоги истории, которая тянулась с 2013 года и вполне могла продолжиться в суде, Джош Барро на портале Business Insider называет ее поучительной. Непродуманные стимулы не работают на прибыль и причиняют только вред.**

За спиной клиентов на их имя открывали новые счета и выпускали кредитные карты.

Кому из банковских клиентов не звонят периодически, предлагая кредитные карты? Сотрудники Wells Fargo проявили инициативу и стали обходиться без звонков.

Они использовали схему, которую нельзя назвать особо хитроумной, и уж тем более законной. Ее шаг за шагом описала в публикации на эту же тему The New York Times.

За спиной клиентов на их имя открывали новые счета и выпускали кредитные карты. Затем на каждый новый счет с уже существующего счета переводилась незначительная сумма. На бумаге получалось, что благодаря усилиям сотрудников клиент обзавелся новым банковским продуктом и намерен пользоваться им.

Многие клиенты узнавали, что стали владельцами очередной кредитной карты, получив из банка стандартное письмо с поздравительным текстом. Дескать, поздравляем, вам одобрена новая

кредитная карта. В банк регулярно поступали жалобы, на которые там до поры до времени не обращали должного внимания.

Если человек проявлял излишнюю настойчивость, то ему приносили извинения и объясняли происшедшее либо сбоем компьютерной программы, либо досадным недоразумением. Например, такую кредитную карту заказал клиент с похожей фамилией. О столь незамысловатом способе ухода от ответа бывший персональный менеджер одного из отделений поведал репортерам The Los Angeles Times. Именно эта газета три года назад первой сделала достоянием гласности махинации с выпуском кредитных карт.

Однако большинство клиентов до конца оставались в неведении. Через какое-то время липовый счет без лишнего шума закрывали. Переведенные на него деньги так же незаметно возвращались на прежний счет. Пользовался человек кредитной картой или нет, уже не имело значения. Главное, она была открыта, что находило отражение в бухгалтерской отчетности и шло в зачет как отличившемуся сотруднику, так и руководству отделений. Печальнее всего, что эта кипучая деятельность, за которую раздавались похвалы и выплачивались бонусы, не приносила банку прибыли, пишет Business Insider. Больше того, она была убыточной. И это несмотря на то, что у клиентов за открытие липовых счетов и выпуск никому не нужных карт списывались некоторые суммы.

> На протяжении нескольких лет без согласия клиентов были открыты в общей сложности больше 2 млн депозитов и карточных счетов.

Отработанная схема оказалась настолько заразительной, что впору было говорить о настоящей эпидемии, охватившей снизу доверху весь карточный бизнес банка. Как позже обнаружило следствие, проведенное прокурорами Лос-Анджелеса, на протяжении нескольких лет без согласия клиентов были открыты в общей сложности больше 2 млн. депозитов и карточных счетов. В ходе расследования, установившего масштабы злоупотреблений, следователи опросили 28 бывших и семь действующих работников банка из Калифорнии и восьми других штатов США.

Business Insider пишет о тысячах уволенных. The New York Times, ссылаясь на официального представителя Wells Fargo, называет точную цифру: 5300 человек. Увольнения проводились на протяжении нескольких лет. По последним данным, в офисах банка занято около 100 тыс. сотрудников. За каждым не уследишь.

Помимо рядовых работников в скандал оказались замешаны менеджеры офисов. Именно они просвещали подчиненных, как искусственно улучшить картину продаж, чтобы противостоять каждодневному давлению вышестоящего начальства. И как обычно случается в ситуациях подобного рода, ничего не говорится о наказаниях для топ-менеджеров банка.

Гонка руководства за количественными показателями любой ценой и ответная инициатива изобретательных сотрудников обошлись Wells Fargo в $185 млн, сообщает Reuters. Штрафы на такую сумму банку придется выплатить в результате сделки с прокуратурой Лос-Анджелеса и федеральными регуляторами. Кроме того, по решению Бюро финансовой защиты потребителей (Consumer Financial Protection Bureau) банк должен выплатить $5 млн в качестве компенсации убытков, понесенных пострадавшими клиентами. Не обошлось и без публичных извинений. «Мы выражаем сожаление и берем на себя ответственность за все случаи, когда клиенты получали продукт, который они не просили»,— говорится в заявлении Wells Fargo по итогам сделки со следствием.

Через сутки после появления этой публикации на сайте Bankir.ru агентство Reuters передало очередное сообщение на данную тему. В Wells Fargo решили отказаться от целевых уровней продаж в розничном банкинге. Решение руководства банка вступит в силу с начала будущего года. Перед этим группа законодателей обратилась к председателю банковского комитета в Сенате США с призывом провести собственное расследование.

**По метериалам Интернета**

# НИЗОМИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ – НИГОҲИ ҶАДИД БА ОЛАМИ МОЛИЯ




**Посух ба саволҳои хабарнигори ҳафтаномаи “Нигоҳ”**

**— Аз қабули қонун дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ ду сол мегузарад. Чаро то имрӯз ягон бонк ва ё ташкилоти қарзӣ ба фаъолияти бонкдории исломӣ оғоз накардааст?**

— Қабл аз ҳама қайд намудан зарур аст, ки бонкдории исломӣ низоми нисбатан нави бонкдорӣ ба шумор рафта, аз бонкдории анъанавӣ куллан фарқ дорад. Ҳанӯз соли 2010 пеш аз қабули  Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” Бонки миллии Тоҷикистон чун нозир ба узвияти Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ (IFCB) пазируфта шуд. Пас аз он, ки 26 июли соли 2014 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” қабул гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми бонкдории исломӣ таҷрибаи Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Малайзия ва Индонезияро мавриди омӯзиш қарор дод.

Бо мақсади тезонидани чораёни ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ як зумра мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуданд. Илова бар ин, бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон барои кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби коршиносони Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ (IFSB) ду маротиба семинар дар мавзӯи асосҳои бонкдории исломӣ ва стандартҳои асосии IFSB гузаронида шуданд.

Дар назди Бонки миллии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ оид ба омода намудани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои фаъолияти бонкии исломӣ ташкил дода шуд, ки ба он мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату муассисаҳои давлатии дахлдор, ассотсиатсияҳои бонкҳо ва ТМХ, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд аъзо мебошанд.

Дар ин давраи на чандон тӯлонӣ аз ҷониби гурӯҳи кории мазкур як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии исломӣ таҳия карда шуданд, аммо барои мувофиқ намудани онҳо ба принсипҳои маблағгузории исломӣ ва стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ ва стандартҳои Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ (IFSB) кӯмаку тавсияҳои коршиносони соҳа ва мушовирони байналмилалӣ зарур мебошанд.

Дар баробари таҳияи санадҳои зарурӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи як барномаи муштарак бо Бонки исломии рушд ҳамкории зичро идома дода истодааст ва дар назар аст, ки то охири соли ҷорӣ коршиносону мушовирони ҷалбшуда ҳамкориро бо БМТ дар навбати аввал аз мутобиқат кунонидан ба стандартҳои Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ (IFSB) оғоз намоянд.

**— Агар дар ин масъала пешравиҳо бошанд, чаро то ҳол бонкҳои исломӣ кушода намешаванд?**

— Тавре пештар қайд кардем, бе заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкилотҳои қарзии исломӣ наметавонанд фаъолияти хешро оғоз намоянд. Бонки миллии Тоҷикистон метавонад дар асоси муқаррароти қонун чораёни баррасии дархост барои гирифтани Иҷозатнома барои гузаронидани амалиётҳои бонкии исломиро оғоз намояд, аммо бе санадҳои асосии танзим ва назорат фаъолияти ташкилоти қарзии исломӣ душвор мешавад. Айни ҳол, лоиҳаи санадҳои асосӣ барои оғози фаъолияти бонкҳои исломӣ таҳия шудаанд ва мо интизори мушовирон- коршиносони байналмилалие, ки дар доираи барномаи муштарак бо Бонки исломии рушд ба БМТ бояд ташриф биёранд, ҳастем, то мутобиқати санадҳои таҳиягашта ба стандартҳои байналхалқӣ тасдиқ гардад.

Дар ин самт мо дар доираи лоиҳаи

грантии Бонки исломии рушд оид ба кӯмаки техникӣ корро аз аввали сол оғоз кардем. Тамоми муқаррароти озмун дар мувофиқа бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурӣ ва Бонки исломии рушд анҷом дода шуданд. Дар озмун ширкатҳои машваратии байналмилалии дорои таҷрибаи пешқадам дар рушди низоми маблағгузории исломӣ ширкат намуданд ва дар натиҷа ширкати International Shari'ah Research Academy for Islamic Finance (ISRA)-и Малайзия ғолиб дониста шуд. Айни замон, Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи шартномаи ҳамкориро бо ин ширкати машваратии байналмилалӣ таҳия намуда истодааст. Пас аз ба имзо расидани созишнома, раванди татбиқи лоиҳаи мазкур ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми бонкдории исломӣ дар кишвар дар ҳамкорӣ бо ширкати мазкур тақвият меёбад.

**— Тавре аз рафти сӯҳбат маълум гардид, набудани мутахассисони соҳа дар кишвар мушкили асосӣ ба ҳисоб меравад. Бигӯед, ки Бонки миллӣ баъд аз қабули қонун "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" барои омода кардани мутахассисони соҳа чӣ корҳоро анҷом дод?**

— Бонки миллии Тоҷикистон - ҳамчун яке аз муассисаҳои давлатӣ махзани мутахассисони беҳтарин аст, вале азбаски низоми бонкдории исломӣ барои кишварҳои пасошӯравӣ таҷрибаи нав аст, мо танҳо мутахассисони соҳаи бонкдории исломиро надорем. БМТ бо кумаки IFCB як гурӯҳи мутахассисонро ба омӯзиш фаро гирифтааст, аммо бе таҷриба ва амалияи ҳамарӯза мутахассис тайёр намешавад. Низоми бонкдорӣ бисёр масъалаҳои нозуке дорад, ки бо онҳо танҳо дар ҷараёни фаъолияти бонкӣ рӯ ба рӯ шудан мумкин аст. Бо назардошти гуфтаҳои боло ва ҳамарӯза аз пайи ислоҳи хатоҳо нашудан, мо қарор кардем, ки дар ин масъала ба шитобкорӣ роҳ надиҳем.

**— Ба андешаи шумо, роҳандозии бонкдории исломӣ ба ҷалби маблағҳо аз кишварҳои исломӣ кӯмак мекунад?**

— Мо ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ дода истодаем, ки тариқи ҷорӣ кардани низоми бонкдории исломӣ сармояи дохилӣ ва хориҷиро ҷалб намоем. Бовар дорем, ки бонкдории исломӣ ба баланд шудани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ кӯмак хоҳад расонид. Аҳолии ҷумҳурии мо 99 дарсад мусалмон мебошанд, молиядории вижаи исломӣ бошад, бо тамоми паҳлуҳояш (аз ҷумла, мамнуъ будани рибо (фоиз) ва ҷоиз будани тиҷорат) яке аз умдатарин арзишҳои эътиқодии мусалмонон ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, дар баробари низоми иқтисодии анъанавӣ ҷорӣ намудани низоми алтернативии иқтисодӣ, яъне низоми молии исломӣ дар шароити имрӯза айни муддао хоҳад буд.

Низоми бонкдории исломӣ ҷалби захираҳои озодро аз шахсони воқеӣ ва бонкҳои исломӣ, инчунин роҳи воқеии кам кардани андозаи изофапулӣ барои қарз ва амонатро дар ҷумҳурӣ таъмин менамояд. Дар натиҷа меъёрҳои эътиқодиву ахлоқии он шаҳрвандоне, ки истифодаи фоизро қабул надоранд, вайрон карда намешаванд, зеро ҳамаи амалиётҳои вобаста ба маҳсулоти бонкӣ мувофиқи шариат қатъиян риоя мегарданд. Ба ин васила, маблағҳои озоде, ки аз гардиши бонкӣ дур мондаанд, дубора вориди низоми бонкӣ гардида, ба иқтисодиёти кишвар такони мусбат хоҳанд дод.

Татбиқи низоми бонкдории исломӣ дар Тоҷикистонро метавон нигоҳи ҷадид ба олами молия номид. Ташкили ин кор барои ҷалби ҳарчи бештари сармоя аз давлатҳои аъзои Бонки исломии рушд (БИР) мусоидат хоҳад кард, зеро теъдоди хоҳишмандони сармоягузорӣ бар кишварҳое, ки рӯ ба молияи исломӣ овардаанд, нисбатан зиёд мебошад.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# ҲАҶМИ ПУЛ ДАР МУОМИЛОТ ҲАМЕША ТАҲТИ НАЗОРАТ АСТ

**Вокуниш ба мақолаи "Масъулони муҷмал ва қарорҳои мансух"-и ҳафтономаи "СССР", №42 (423) аз 20.10.2016**




Коҳиш додани ҳаҷми муомилоти пули нақд ва зиёд кардани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои муосири пардохти электронӣ ҳангоми амалӣ намудани пардохтҳои чакана яке аз ҳадафҳои афзалиятноки бонкҳои марказӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ зарурияти зиёд намудани ҳиссаи муомилоти пулии ғайринақдӣ ва ташкили муомилоти пулии муосир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 31.12.2014, таҳти №815 Қарор "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ"–ро қабул кард.

Тибқи Қарори мазкур муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ва дигар муассисаҳои дахлдор ӯҳдадор карда мешаванд, ки барои пардохти арзиши молу хизматрасониҳо, хизматрасониҳои коммуналӣ, андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмии ба он баробар қабули кортҳои пардохтии бонкиро аз шаҳрвандон таъмин намоянд. Барои иҷрои ин амал, муассисаҳои зикргардида бояд ба таври ҳатмӣ бо дастгоҳҳои (терминалҳои) электронии қабули корт ҷиҳозонида шаванд.

Шоистаи зикр аст, ки терминалҳои электронӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар асоси шартнома аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ насб карда мешаванд. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бошад, барои насб намудани онҳо бояд ба ташкилотҳои қарзие, ки бароришу ва хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкиро анҷом медиҳанд, муроҷиат намоянд.

Мутаассифона раванди насби терминалҳои электронӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ суст ба роҳ монда шудааст, ки сабаби асосии он ҳавасманд набудани соҳибкорон барои шаффоф гаштани амалиётҳои онҳо ва савияи пасти дониши молиявии аҳолӣ мебошад. Новобаста аз афзоиши назарраси шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ, мутаассифона истифодаи онҳо барои пардохти арзиши молу маҳсулот ва кору хизматрасониҳо ночиз боқӣ мондааст, зеро онҳоро аксарияти дорандагони кортҳои пардохтӣ дар навбати аввал ҳамчун воситаи гирифтани пули нақд истифода мебаранд. Ҳолати мазкур зери таъсири омилҳои гуногуни объектививу субъективӣ ва инфрасохториву меъёрӣ ба вуқӯъ омадааст.

Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 ташкилоти қарзӣ барориш ва хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкиро ба роҳ монда, бо Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ", низомҳои пардохтии байналмилалии VISA, MasterCard, UnionPay ва бо дигар низомҳо ҳамкорӣ намуда истодаанд. Ба санаи 1 октябри соли ҷорӣ ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 1 миллиону 607 ҳазор корти пардохти бонкиро ба муомилот баровbooked, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 21,2 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин, ба санаи 1 октябри соли ҷорӣ шумораи умумии терминалҳои электронии насбгардида дар кишвар ба 2 320 адад расид, ки аз ин миқдор 627 адад терминалҳои электронӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ва 1 693 адад терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд мебошанд. Ҳаҷми амалиётҳо бо истифодаи кортҳои пардохтӣ зиёда аз 5 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ҷиҳати иҷрои қарори зикргардида, аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, тибқи тағйиру иловаҳо ба моддаи 615 КҲМ ҶТ, барои саркашӣ намудан аз иҷрои ӯҳдадории таъмини дастгоҳҳои (терминалҳои) электронии қабули кортҳои пардохтии бонкӣ аз шаҳрвандон, нисбат ба муассисаҳои савдою хизматрасонӣ муҷозот муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, «Барои саркашӣ намудан аз насби терминалҳои электронӣ ё рад кардани истифодабарии кортҳои пардохтии бонкӣ дар ҳисоббаробаркуниҳо, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз сад то яксаду шаст, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси

шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз яксаду шаст то яксаду ҳаштод ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду ҳаштод то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад" (КҲМ ҶТ моддаи 615). Муқаррароти мазкур аз 1-уми январи соли 2017 мавриди амал қарор дода мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки иҷрои қарори мазкур аз мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Кумитаи андоз пурзӯр намудани назоратро вобаста ба насб кардани терминалҳои электронӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ талаб менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои қарори мазкур бо ташкилотҳои қарзӣ мунтазам ҷаласаҳои корӣ баргузор намуда, раванди насб кардани терминалҳои электрониро аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ назорат менамояд.

Тибқи иттилои ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати иҷрои қарори зикргардида, айни замон, барои насб намудан дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ дар анборҳои ташкилотҳои қарзӣ зиёда аз 1100 адад терминалҳои электронӣ (ПОС-терминал) омода мебошад. Аммо бо сабаби набудани дархост аз тарафи муассисаҳои савдою хизматрасонӣ таҷҳизоти мазкур тахти истифода қарор надоранд.

Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти мунтазами Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ"-ро таъмин намуда, барои иштирокчӣ гардидан ба низоми мазкур ва роҳандозӣ намудани фаъолият дар самти бароориш ва хизматрасониҳои кортҳои пардохтӣ ба ташкилотҳои қарзӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Танҳо дар давоми соли 2016 ду ташкилоти қарзӣ (ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" ва ҶДММ ТАҚХ "Фардо") иштирокчии низоми мазкур гардида, бароориш ва хизматрасонии кортҳои пардохтиро роҳандозӣ намуданд. Инчунин, дархости ду ташкилоти қарзӣ оид ба иштирокчии низоми пардохт гардидан дар раванди баррасӣ қарор дорад.

Моҳи декабри соли гузашта, бо мақсади вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳо бо пули миллӣ ва бартараф кардани амалиёти иловагии мубодилаи асъор ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи кортҳои пардохтии низоми пардохтии Visa International, Бонки миллии Тоҷикистон Созишномаи ҳамкориро бо ширкати байналхалқии "Visa International Service Association" ба имзо расонид. Алҳол, тамоми амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи кортҳои пардохтии низоми пардохтии "Visa International" дар Ҷумҳурӣ танҳо бо пули миллӣ – сомонӣ, яъне бе гузаронидани амалиёти иловагии мубодилаи асъор иҷро гардида истодаанд. Бастани чунин созишнома бо низоми пардохтии Mastercard низ амалӣ шуда истодааст.

## ◙ ОИД БА ЭРОДИ "БОНКДОРӢ 20 СОЛ ҚАФО ПАРТОФТА ШУД"

Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки буҳрони иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ, ки тӯли ду-се соли охир вобаста ба таконҳои берунӣ, аз ҷумла пастравии нархи нафт, лапишҳои қурбӣ ва номуътадилии бахши молиявӣ ҳукмфармо буд, воқеан ба нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ таъсири манфии худро расонид.

Ҳолати мазкур дар афзудани хавфҳои асъорӣ ва қарзӣ зоҳир ёфта, ба имконияти қарзадокунии муштариён, зиёд шудани сатҳи қарзҳои барнагаштаю беэътимод дар бонкҳо ва сари вақт аз ҷониби онҳо иҷро нагардидани уҳдадориҳо дар назди амонатгузорон гардида, дар натиҷа ба раванди фаъолияти қарздиҳии онҳо таъсири манфӣ расонид. Зикр намудан ба маврид аст, ки истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ аз вазъияти иқтисодию молиявии кишвар ва аҳолӣ вобастагии зиёд дошта, беҳтар шудани вазъи иқтисодию молиявӣ таваҷҷуҳи мардумро ба низоми бонкии кишвар зиёд менамояд. Дар ҳамин ҳол, вазъияти имрӯза ва мушкилиҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон аз бисёр ҷиҳат пандомез буда, ҷиҳати устувор намудан ва ба талаботҳои рушди ҷомеаву иқтисод ҷавобгӯ гардонидани низоми бонкию молиявии кишварамон моро зарур аст, тадбирҳое андешем, ки дар оянда чунин ҳолатҳои ногувор сарназананд.

Аз дигар ҷониб, новобаста аз мушкилиҳои молиявию пардохтпазирии дар низоми бонкӣ ҷойдошта, бемуболиға гуфтан мумкин аст, ки маҳз фаъолияти зараровари дохилии худи бонкҳо, аз ҷумла сиёсати бемасъулият ва хавфноки қарзӣ, идоракунии заифи дороиҳову уҳдадориҳо ва сатҳи пасти саводнокии молиявӣ сабаби асосии ҳолати қарордошта арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сандуқи қарзии баъзе аз бонкҳо асосан аз қарзҳои бе гарави ба шахсони вобаста додашуда ташкил ёфта, ҳолатҳои бисёри омехта намудани тиҷорати шахсӣ бо фаъолияти бонкӣ ҷой доранд. Ва эродҳоро оид ба "бемасъулиятии масъулон" ва "70-80% ба таври сунъӣ ва аз ҷониби

афроди манфиатдор рӯи кор омадааст” ба самъи роҳбарияти ин бонкҳо таалluқ дорад, гӯем, хато намекунем.

Айни замон, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ бо ҷалби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ раванди таҳияи механизми комил ва татбиқи чораҳое, ки имконияти пешгирӣ ва бартараф кардани такроршавии таъсири бӯҳронҳои глобалиро фароҳам меорад, идома дорад.

Бо мақсади солимгардонии вазъи низоми бонкӣ бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи вазорату идораҳои дахлдор ва Бонки миллии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст. Айни ҳол, аз ҷониби Гурӯҳи кории мазкур лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои мушаххас таҳия гардида, барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам бо ташкилотҳои қарзӣ ҳамкорӣ намуда, ҷиҳати барқарор сохтани фаъолияти молиявии онҳо аз рӯи нақшаҳои алоҳидаи таҳрезишуда чораҳои таъхирнопазир андешида истодааст.

Саъю кӯшишҳо пайваста барои гузаронидани ислоҳоти сохторӣ, коҳиш додани осебпазирии низоми молиявию бонкӣ аз таконҳои берунӣ ва баланд бардоштани сатҳи боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ дар самти шаффоф, устувор ва босифат намудани фаъолияти бонкҳо, инкишофи рақобати солим, пурзӯр намудани зерсохторҳои молиявӣ, такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва танзиму назорати бонкӣ равона гардидаанд. Албатта иҷроиши пурраи ин тадбирҳо, ки ба ҳам алоқамананданд вақти муайянро тақозо намуда, барои гузариши низоми бонкии ҷумҳурӣ ба сатҳ ва марҳилаи сифатан нав бевосита мусоидат менамоянд.

### ◙ ОИД БА ЭРОДИ “СОМОНӢ «ДЕРЕВЯННЫЙ» МЕШАВАД”

Пеш аз ҳама қайд кардан зарур аст, ки дар дилхоҳ мақола инъикоси дурусти воқеъият, бахусус рақамҳо аз этика ва кордонии муаллиф гувоҳӣ медиҳад. Мутаассифона, муаллифи мақолаи мазкур ба хато роҳ дода, аз рӯи факту рақамҳои нодуруст хулосабарорӣ менамояд.

Аз ҷумла, дар мавриди гуфтаҳои муаллиф, ки гӯё сармояи чор бонки низомсози кишвар 96 фоизи сармояи бонкҳоро ташкил медиҳанд, иттилоъ медиҳем, ки омори дуруст нисфи рақами овардашударо ташкил намедиҳад.

Инчунин, маълумот дар хусуси гӯё дар ду соли охир “ҳаҷми пули нақди ба муомилот баровардаи БМТ зиёда аз 100% афзоиш ёфта, ба ҳолати имрӯза 9,2 млрд. сомониро ташкил медиҳад” куллан нодуруст мебошад. Дар асл, тавре рақамҳои омори расмӣ шаҳодат медиҳанд (http://nbt.tj/tj/statistics/monetary_sector.php), тайи ду соли охир афзоиши ҳаҷми пули нақд дар муомилот 66,2 фоизро, аз 4 842,3 млн. сомонӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2014 то 8 047,8 млн. сомонӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2016, ташкил додааст. Яъне, ба ҳолати имрӯза ба 8,0 млрд. сомонӣ (на ин ки 9,2 млрд.) расидааст ва агар онро ба ҳар як сари аҳолӣ тақсим намоем 931,4 сомонӣ рост меояд. Зиёда аз ин, дар мисоли ИМА низ нишондоди мазкур фарқи зиёд дошта 4321 долл. ИМА (1,4 триллион долл. ИМА пули нақд ва 324 млн. нафар шумораи умумии аҳолӣ)-ро ташкил медиҳад.

Умуман, ҳаҷми пули миллӣ вобаста ба талаботи иқтисодиёт, рушди он ва омилҳои сохторие, ки дар натиҷаи он дедолларикунонии иқтисодиёт, яъне коҳиши гардиши асъори хориҷӣ дар муомилоти пулии дохилӣ ба вуҷуд меоянд, метавонад афзоиш ёбад. Ҳаҷми пул дар асоси таносуби байни молу пул муайян мегардад ва дар ҳолати нодуруст муайян гардидани он, яъне кам будани он ба кам шудани сатҳи монетизатсия (таъминнокии иқтисодиёт бо пули миллӣ) ва зиёд будани он тавваррумро ба вуҷуд меорад.

Ягон бонки марказӣ ҳамчун мақоми танзимкунанда дидаю дониста ба барориши бемавриди пул даст намезанад. Ҳамаи ин равандҳо ба иқтисодиёти мо низ хос буда, таҳти идораи бевоситаи Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад ва ҳар соату ҳар дақиқа аз болои ҳаҷми пул дар муомилот назорат бурда мешавад.

Агар дуруст таҳлил карда бароем, пули миллӣ қобилияти харидории худро, ки онро метавон танҳо бо тағйирёбии сатҳи нархҳо қиёс кард, гум накардааст. Тавваррум, ки сатҳи умумии нархҳоро дар иқтисодиёт нишон медиҳад, дар давоми ду соли охир ба ҳисоби миёна дар доираи 6 фоизи солона мӯътадил нигоҳ дошта шудааст.

**www.nbt.tj**



# Стартовый капитал: 9 книг для бизнесменов

**◙ «БИЗНЕС С НУЛЯ»**
*Автор:* Эрик Рис

Книга популярного блогера, основателя компаний IMVU и Catalyst Recruiting Эрика Риса давно стала библией для стартаперов, но на русском языке вышла только в 2014 году. «Бизнес с нуля» посвящён концепции так называемого бережливого производства, которую Рис позаимствовал у разработчиков Toyota. По мнению Риса, ни один стартап не похож на большой бизнес, потому что у его создателей нет достаточных знаний о своем клиенте и его желаниях. Поэтому Рис призывает не бояться экспериментировать и выдавать несовершенный продукт: только методом проб и ошибок можно понять, что хочет потребитель. «Построй – Оцени – Научись» – с таким девизом успешного стартапа выступает Рис.











**◙ «МАЛЕНЬКАЯ КРАСНАЯ КНИГА О ПРОДАЖАХ. 12,5 ВЕЛИКИХ ПРИНЦИПОВ ТОРГОВЛИ»**
*Автор:* Джеффри Гитомер

Каждый предприниматель должен уметь продавать –– именно этой аксиоме посвящен мировой бестселлер от гуру продаж и автора знаменитого «Люди не любят, когда им продают, зато обожают покупать». В «Маленькой красной книге» Гитомер разрушил стереотипы и предложил двенадцать с половиной новых принципов отношений между продавцом и покупателем. В результате получилась настольная книга любого сейлс-менеджера вне зависимости от сферы бизнеса.

**◙ «САМ СЕБЕ MBA. САМООБРАЗОВАНИЕ НА 100%»**
*Автор:* Джош Кауфман

В этой книге Кауфман рассказывает собственную историю. Обычный менеджер Procter&Gamble, он не накопил на дорогое бизнес-образование и решил постичь теорию самостоятельно. Будущий автор бестселлера все свободное время искал книги для самообразования. Он начал вести блоги вскоре понял, что темой бизнес-образования интересуются очень многие. Кауфман бросил работу и стал известным писателем, а его первая книга стала бестселлером.

**◙ «ОТКУДА БЕРУТСЯ ГЕНИАЛЬНЫЕ ИДЕИ? 10 МИФОВ ОБ ИННОВАЦИИ»**
*Автор:* Скотт Беркун

«Инновации» – одно из ключевых слов в арсенале стартапера. Причем речь может идти как о новейших технических разработках, так и о переосмыслении давно забытого. В своей новой книге Скотт Беркун, автор бестселлера 2008 года «Искусство управления IT-проектами», доказывает на примерах из истории технологий и IT-бизнеса, что новые идеи – это гарант прибыли. Книга богата советами о том, как реализовать инновационные идеи и, тем самым, как добавляет романтик Беркун, изменить мир к лучшему.

### ◙ «КАК РАБОТАТЬ ПО 4 ЧАСА В НЕДЕЛЮ И ПРИ ЭТОМ НЕ ТОРЧАТЬ В ОФИСЕ «ОТ ЗВОНКА ДО ЗВОНКА», ЖИТЬ ГДЕ УГОДНО И БОГАТЕТЬ»

*Автор:* Тимоти Феррис

Книга, название которой отражает ее содержание и мечту любого офисного работника, породила целый легион дауншифтеров. Вслед за автором читатели успешно меняли белые воротнички Сити на кайт и серфинг на берегу океана. Манифест «новых богатых», которые ценят «здесь и сейчас» превыше всего и не страдают «синдромом отложенной жизни» вышел как нельзя кстати –– и стал символом отказа от ценностей среднего класса. Впрочем, помимо фантастических историй успеха книга хороша еще и тем, что все же рассказывает о некоторых жертвах, на которые придется пойти ради мобильного богатства.

### ◙ «СТАРТАП. 11 МАСТЕР-КЛАССОВ ОТ ЭКС-ЕВАНГЕЛИСТА APPLE И САМОГО ДЕРЗКОГО ВЕНЧУРНОГО КАПИТАЛИСТА КРЕМНИЕВОЙ ДОЛИНЫ»

*Автор:* Гай Кавасаки

В этой книге немало нравоучений и чересчур американского: если сотрудник Apple, то экс-евангелист, если капиталист, то самый дерзкий. Несмотря на это книга читается легче, чем ее название. Хотя и в тексте то и дело встречаются романтические строки о том, что «предприниматель не профессия, а состояние души человека», что «ваша цель — изменить мир, а не изучить его». Однако пробравшись через заказную романтику Кавасаки, можно получить много ценных советов для развития стартапа. С чего начать? Как представиться инвестору, нанять сотрудников и создать свой бренд? Ответы на эти и другие вопросы дает Кавасаки.

### ◙ «ПРЕЗЕНТАЦИЯ В СТИЛЕ ДЗЕН. ДИЗАЙН, РАЗРАБОТКА, ПРОВЕДЕНИЕ И ПРИМЕРЫ»

*Автор:* Гарр Рейнольдс

Эта книга для тех, кто не дружит с Microsoft PowerPoint, но вынужден делать презентации. Долгое время живший в Японии Гарр Рейнольдс учит относиться к презентации спокойно и последовательно. Автор исходит из того, что презентация должна принести инвестиции – для этого в нее должны поверить самому.

### ◙ «СНАЧАЛА НАРУШЬТЕ ВСЕ ПРАВИЛА. ЧТО ЛУЧШИЕ В МИРЕ МЕНЕДЖЕРЫ ДЕЛАЮТ ПО-ДРУГОМУ»

*Авторы:* Маркус Бакингем, Курт Коффман

Бакингем и Коффман сделали скрупулезную подборку фактов, которые и так известны лучшим менеджерам. Но в отличие от аналогичных трудов эта книга подкупает на удивление подробными и точными советами. Почему при отборе персонала талант важнее, чем опыт и целеустремленность? Как восполнить недостаток уважения и как уволить и не испортить отношений? «Сначала нарушьте все правила» раскрывает суть менеджерской работы и предлагает сценарии для выхода практически из любой непредвиденной ситуации.













### ◙ «КАПИТАЛИЗМ И СВОБОДА»

*Автор:* Милтон Фридман

Пожалуй, многим появление этой книги, впервые увидевшей свет в 1962 году, в подборке литературы для стартаперов может показаться странным. Однако для тех, кто стремится получить действительно ценное самообразование на уровне Гарварда или Лондонской школы экономики, эта книга – must-read. Самый известный труд лауреата Нобелевской премии по экономике 1976 года и одного из самых талантливых экономистов послевоенной эпохи «Капитализм и свобода» Милтона Фридмана, будучи классикой политэкономики XX века, безусловно, не устарела и в XXI веке. Ведь по сути сама возможность развития малого бизнеса в Европе и Америке сегодня объяснена и предсказана именно в этой книге. К тому же, для многих современных бизнес-авторов и выдающихся предпринимателей цель деятельности не столько в накопительстве и прибыли, сколько в той свободе, которую можно получить (и подарить) в результате своей работы. Фридман впервые объяснил, чего стоит такая свобода.

**http://asus.style.rbc.ru**




## 20 Тоҷикистон сазовори ҷоизаи Гурӯҳи Авросиё оид ба МҚД/МТ гардид

# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

**Умедворем**
**РЕКЛАМАИ**
**худро дар маҷаллаи мо ҷойгир хоҳед кард.**

majalla@nbt.tj

Реклама барои мо кори саҳл нест. Шумо дар ҷойи аввал хоҳед буд

Мо муштариёни хос дорем: соҳаи бонкӣ ва мизоҷони онҳо

Мо ягона маҷаллае мебошем, ки бо се забон нашр мешавад

Хонандагони мо дорои қобилияти баланди харидорӣ мебошанд

Маҷаллаи мо ба кормандон ва мизоҷони 500 филиали бонкҳо дастрас аст

Мо аз ҳама зиёдтар ҷамъшавии хонандагони бахши корпоративӣ дорем

Ороиши ройгони саҳифаҳоро ба мизоҷон пешниҳод мекунем

Таҳияи ройгони мақолаҳои таблиғотиро барои маҷалла таъмин менамоем